# Боҷу ХИРОҶ

Пардохти андозҳо - нишонаи бофарҳангии ҷомеа

№44 (1193)

Панҷшанбе, 31 октябри соли 2019

www. bojukhiroj.tj
E-mail: boju_hiroj@mail.ru

Рӯзнома аз 26 декабри соли 1998 чоп мешавад.

МАҚОМОТИ АНДОЗИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

НАШРИЯИ КУМИТАИ АНДОЗИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН


# Самтҳои муҳими фаъолият

Ҳадаф - пешгирии қонунвайронкуниҳои андоз, бартараф намудани камбудиҳои ҷойдошта, таъмини воридоти саривақтии маблағи андозҳо






## Ведение бизнеса 2020:

Отмечаются важные результаты новейшей программы реформ, нацеленной на улучшение делового климата в Таджикистане

с. 4

ПРЕЗИДЕНТ



## Танзими муносибатҳои меҳнатӣ – вазифаи муҳим

Суханронии Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон бо роҳбарону фаъолони Федератсияи иттифоқҳои касабаи мустақили Ҷумҳурии Тоҷикистон

с. 2

СЕМИНАР-МАШВАРАТ

## Машварат идроку ҳушёрӣ диҳад

Корҳои фаҳмондадиҳӣ бо кормандони вазорату идораҳо оид ба муқаррарот ва моҳияти Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи андоз

с. 5

КОРҲОИ НАЗОРАТӢ

## Манбаи аслии андозбанди-шаванда

Муоинаи хронометражӣ – як шакли корҳои назоратии мақомоти андоз

с. 6

МАВЗӮИ МУҲИМ

## Эҳтироми пули миллӣ эҳтироми миллат аст



Асъори миллӣ – сомонӣ унсури муҳими давлатдорӣ

с. 7

ФАРМОИШ

## Оид ба назорати камералӣ

Фармоиши Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

с. 10

# Танзими муносибатҳои меҳнатӣ – вазифаи муҳим

Суханронии Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон бо роҳбарону фаъолони Федератсияи иттифоқҳои касабаи мустақили Ҷумҳурии Тоҷикистон



**Муҳтарам роҳбарон ва фаъолони иттифоқҳои касаба!**

**Ҳозирини арҷманд!**

Мулоқоти мо бо роҳбарону фаъолон ва намояндагони ташкилоти калонтарину бонуфузи ҷамъиятӣ — Федератсияи иттифоқҳои касабаи мустақили Тоҷикистон дар айёми вусъати раванди созандагиву бунёдкорӣ ва рушди босуботи Ватани азизамон баргузор мегардад.

Чорабинии имрӯза, ҳамчунин, ба ҷашни якасраи Ташкилоти Байналмилалии Меҳнат, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соли 1993 аъзои комилҳуқуқи он мебошад, рост меояд.

Бо истифода аз фурсат, ҳамаи шуморо ба ин муносибат табрик мегӯям.

Бояд гуфт, ки саҳми Ташкилоти Байналмилалии Меҳнат дар масъалаи танзими муносибатҳои меҳнатӣ ва густариши шарикии иҷтимоӣ байни ҳукуматҳо, иттифоқҳои касаба ва корфармоён назаррас буда, санадҳои қабулкардаи он дар шакли конвенсия ва тавсияҳо ба танзими одилонаи муносибатҳои меҳнатӣ мусоидат менамоянд.

То ин муддат аз ҷониби Тоҷикистон 51 конвенсия ва 22 тавсияи Ташкилоти Байналмилалии Меҳнат пазируфта шудааст.

Дар кишвари мо дар самти муносибатҳои меҳнатӣ давра ба давра санадҳое қабул карда шудаанд, ки ҷавобгӯи меъёрҳои байналмилалӣ буда, бевосита барои баланд бардоштани сатҳи иҷтимоӣ, меҳнати шоиста ва таъмини шароити бехатару мусоиди корӣ равона гардидаанд ва ин иқдом минбаъд низ идома дода мешавад.

Ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ҳамеша дар маркази таваҷҷуҳи Ҳукумати Тоҷикистон қарор дошта, аз ибтидои соҳибистиқлолӣ дар кишвар ислоҳоти иқтисодӣ ва сохторӣ амалӣ гардида, асосҳои меъёрии ҳуқуқии ҳифзи иҷтимоии мардуми мамлакат тадриҷан такмил дода шуданд.

Бо таъмин гардидани рушди босуботи иқтисоди миллӣ ва ислоҳоти бомароми идораи молияи давлатӣ даромади буҷети давлат аз 6 миллиард сомонии соли 2009 ба 23,8 миллиард сомонӣ дар соли 2019 расонида шуд, яъне дар даҳ соли охир 4 баробар зиёд гардид.

Қобили зикр аст, ки ҳамасола рушди соҳаҳои иҷтимоиву иқтисодӣ, дастгирии соҳибкории хурду миёна, инчунин, таъмини амнияти давлат самтҳои асосии хароҷоти буҷети давлат мебошанд.

Ҳаҷми умумии хароҷоти буҷети давлат аз рӯи ҳамаи манбаъҳои маблағгузорӣ дар соли 2018 ба беш аз 24 миллиард сомонӣ баробар шуд, ки ин нишондиҳанда нисбат ба соли 2009-ум 4,2 баробар зиёд мебошад.

Дар давраи солҳои 2009-2018 барои расидан ба ҳадафҳои стратегӣ, аз ҷумла таъмин намудани истиқлоли энергетикӣ, раҳоӣ аз бунбасти коммуникатсионӣ ва ҳифзи амнияти озуқаворӣ 47,5 миллиард сомонӣ равона гардидааст, ки ба 35 фоизи ҳаҷми умумии хароҷоти буҷет дар ин давра баробар мебошад.

Тайи солҳои зикршуда пешрафти соҳаҳои мухталифи иқтисодӣ, бахусус, бахшҳои истеҳсолӣ таъмин гардида, ҳамасола қариб 100 ҳазор ҷойҳои кории нав таъсис дода шуданд ва дар се соли охир шумораи шахсоне, ки ба муҳоҷирати меҳнатӣ мераванд, 25 фоиз кам гардид.

Дар буҷети соли 2019 нисбат ба соли 2018 ба соҳаҳои фарҳангу варзиш 17,3 фоиз, илму маориф 14, тандурустӣ 12,2, суғуртаи иҷтимоӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ 9,5 фоиз зиёд маблағ равона карда шудааст.

Дар соҳаҳои иҷтимоӣ тамоюлҳои мусбат идома пайдо карда, аз ҷумла нишондиҳандаи дарозумрии аҳолӣ ба 75 сол расид ва фавти модару кӯдак дар муқоиса бо соли 1998 мутаносибан 2,1 ва 2,6 баробар коҳиш ёфт.

Дар роҳи ноил шудан ба ин дастовардҳо дар баробари сохторҳои ҳокимияти давлатӣ иттифоқҳои касаба низ саҳмгузор буда, онҳо ба ҳайси созмони оммавии мардумӣ масъулияти ширкат дар идоракунии ҷомеа, тарбияи кадрҳо, ҳалли масъалаҳои мубрами ҳаёт ва таъмини адолати иҷтимоӣ, фароҳам овардани шароити мусоид барои фаъолияти кормандон дар соҳаҳои иқтисоди миллиро ба уҳда доранд ва ҷиҳати ба амал баровардани вазифа ва салоҳиятҳои қонунии худ бояд тадбирҳои заруриро роҳандозӣ намоянд.

Яъне дар баробари фаъолияти мақомоте, ки ваколатдори давлатӣ дар бахши муносибатҳои меҳнатӣ мебошанд, Федератсияи иттифоқҳои касабаи мустақили Тоҷикистон вазифаҳои қонунии худро ҳамчун ҳомии ҳуқуқу манфиатҳои аҳли заҳмат амалӣ мегардонад.

Фаъолияти иттифоқҳои касаба дар кишвар ба ҳайси ташкилоти ҷамъиятӣ ба санадҳои қонунгузорӣ асос ёфта, назорати ҷамъиятии риояи қонунгузории меҳнат маҳз ба дӯши ин ниҳод вогузор шудааст.

Федератсияи иттифоқҳои касабаи мустақил ба сифати шарики бозътимоди иҷтимоии Ҳукумат дар асоси Конститутсия, Кодекси меҳнат, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи иттифоқҳои касаба" ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ фаъолият мекунад. Моҳи майи соли 2019-ум 1 миллиону 180 ҳазор нафар ё 51,1 фоизи шумораи умумии аҳолии дорои шуғл дар рӯйхати кироякорон дар корхонаҳои ҳамаи шаклҳои моликият қарор дошт.

Иттифоқҳои касабаи Тоҷикистон имрӯз қариб 870 ҳазор нафар аъзоро муттаҳид мекунанд.

Федератсияи иттифоқҳои касабаи мустақили Тоҷикистон бояд фаъолияти худро ба талаботи замони муосир мувофиқ намуда, барои амалисозии сиёсати давлат оид ба ҳифзи меҳнат ва муҳити зист, таъминоти иҷтимоӣ ва суғурта, назорати ҷамъиятии риояи қонунгузорӣ оид ба меҳнат, иҷрои созишномаҳо ва шартномаҳои коллективӣ, таълим ва такмили ихтисоси кадрҳои иттифоқи касаба чораҳои мушаххас андешад.

Иттифоқҳои касаба ҳамчун ташкилоти оммавӣ вазифадоранд, ки рисолати хешро дар ҳифзу ҳимояи дастовардҳои истиқлоли давлатӣ, таҳкими сулҳу субот дар саросари кишвар, ваҳдати миллӣ, ҳифзи манфиатҳои иҷтимоиву иқтисодии аъзои иттифоқи касаба ва фароҳам овардани шароити арзандаи зиндагӣ барои ҳар як корманд анҷом диҳанд.

Тавре дар Оинномаи Федератсияи иттифоқҳои касабаи мустақили Тоҷикистон дарҷ гардидааст, «иттифоқҳои касаба кӯшиш мекунанд, ки ҳуқуқҳои конститутсионии ҳар як шаҳрванд, бидуни мансубияти он ба миллат ва дин, ба меҳнат, озодии интихоби касбу кор, шароити одилонаи меҳнат ва манфиатҳои бекорон ҳифз шаванд, низоми иҷтимоии одилонаи музди меҳнат ва шароити кор татбиқ шавад, риояи қонунҳои меҳнат, қоидаву меъёрҳои ҳифзи меҳнат ва муҳити зист таъмин карда шавад, замина ва маблағ барои беҳдошти сиҳатии кормандон, аъзои оилаи онҳо, инкишофи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш ба вуҷуд оварда шавад, созишномаю шартномаҳои коллективӣ баста шаванд ва иҷрои онҳо таҳти назорат қарор гиранд».

**Ҳозирини гиромӣ!**

Бо дарназардошти рушди иқтисодиёти кишвар, ба вуҷуд омадани муносибатҳои нави меҳнатӣ, тақвият бахшидани ҳифзи иҷтимоӣ ва роҳандозӣ намудани дигар тадбирҳои иловагӣ соли 2016 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири нав қабул гардид, ки раванди муносибатҳои меҳнатӣ бояд бо риояи ва дар доираи ин санад ба танзим дароварда шаванд.

Кодекси меҳнат бо мақсади дар санадҳои қонунгузорӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври илова муқаррар намудани шароити меҳнат, шуғл ва кафолати иҷтимоӣ бастани созишнома ва шартномаҳои коллективиро пешбинӣ менамояд.

Дар ин росто, Созишномаи генералӣ байни Ҳукумат, Федератсияи иттифоқҳои касабаи мустақил ва Иттиҳодияи корфармоён барои солҳои 2018 – 2020 мавриди амал қарор дорад.

Қабули Созишномаи генералӣ бори дигар собит намуд, ки ҳифзи манфиатҳои меҳнатии кормандон, таъсиси ҷойҳои нави корӣ, ба меъёрҳои байналмилалӣ мутобиқ гардонидани ҳифзи иҷтимоии кормандон, коҳиш ёфтани сатҳи бекорӣ, сол ба сол зиёд шудани музди меҳнат ва татбиқи босуботи сиёсати иҷтимоӣ доим дар маркази фаъолияти Ҳукумати мамлакат қарор дошта, барои амалӣ намудани ҳадафҳои зикршуда тадбирҳои судманд андешида мешаванд.

Ба танзим даровардани муносибатҳои иҷтимоиву меҳнатӣ, дарёфти ризоияти ҷамъиятӣ, ҷалби шумораи ҳарчи бештари аҳолии қобили меҳнат ба меҳнати арзанда, мусоидат намудан дар афзоиши даромади кормандон, коҳиш додани сатҳи бекорӣ, баланд бардоштани некӯаҳволии аҳолии кишвар, паст намудани фоизи шуғли ғайрирасмӣ, таъмин кардани меъёрҳои ҳадди ақалли иҷтимоӣ ва ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои муҳоҷирони меҳнатӣ аз ҷумлаи масъалаҳои калидии Созишнома ба ҳисоб мераванд.

Дар асоси ин ҳуҷҷат созишномаҳои соҳавӣ, минтақавӣ ва корхонаву ташкилотҳо, сарфи назар аз шакли моликияташон, шартномаҳои коллективӣ баста мешаванд.

Танзими муносибатҳои меҳнатӣ ва амалишавии кафолатҳои иҷтимоии кормандони корхонаҳои кишвар дар доираи шарикии иҷтимоӣ аз ҷониби Ҳукумати мамлакат тавассути вазорату идораҳои давлатӣ ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо ба роҳ монда шудааст.

Мутобиқи маълумоти Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ ба ҳолати якуми июни соли 2019 дар кишвар зиёда аз 91 ҳазор корхона бо шаклҳои гуногуни моликият вуҷуд дошта, аз ин шумора беш аз 20 ҳазор корхона ҳуқуқи бастани шартномаро дорад. Ҳоло қариб 13 400 корхона шартномаи коллективӣ дорад, ки 67 фоизи шумораи умумиро ташкил медиҳад.

Бо мақсади татбиқи Стратегияи давлатии рушди бозори меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020 «Барномаи маҷмӯии паст кардани сатҳи шуғли ба қайд гирифтанашуда (ғайрирасмӣ) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳо 2015-2017» амалӣ гардид.

Амалӣ гардонидани сиёсати давлат дар соҳаи мусоидат ба шуғли аҳолӣ, ба шуғли расмӣ ҷалб намудани аҳолии қобили меҳнат, таъмини кафолатҳои меҳнатии кормандон, баҳисобгирии дақиқи омории қувваи корӣ, ғанӣ гардонидани буҷети суғуртаи иҷтимоӣ ва дар ин замина баланд бардоштани ҳифзи иҷтимоии шаҳрвандон ҳадафи асосии барномаи мазкур мебошад.

Тибқи натиҷаҳои таҳқиқоти қувваҳои корӣ соли 2016 сатҳи шуғли ғайрирасмӣ дар кишвар ба 29,4 фоиз (249,5 ҳазор нафар) расида, нисбат ба соли 2009-ум 24,4 фоиз коҳиш ёфта буд.

Чанде пештар вобаста ба масъалаи мазкур барномаи нав оид ба паст кардани сатҳи шуғли ба қайд гирифтанашуда (ғайрирасмӣ) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2019-2023 қабул гардид.

Итминон дорам, ки амалӣ гардидани ин санад ба коҳиш ёфтани шуғли ғайрирасмӣ, ба шуғли расмӣ ҷалб намудани шаҳрвандони қобили меҳнат, ба татбиқи барномаҳои мушаххаси беҳсозии сатҳи некӯаҳволии мардум равона намудани маблағҳои буҷети давлат, зиёд гардидани сарчашмаҳои нави андозбандӣ ва афзоиши буҷети давлат ба суғуртаи иҷтимоӣ мусоидат хоҳад кард.

**Ҳозирини гиромӣ!**

Масъалаҳои ҳифзи меҳнат

# Танзими муносибатҳои меҳнатӣ – вазифаи муҳим

## Суханронии Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон бо роҳбарону фаъолони Федератсияи иттифоқҳои касабаи мустақили Ҷумҳурии Тоҷикистон

ва ҳуқуқи меҳнатии кормандон яке аз вазифаҳои қонунӣ ва оинномавии иттифоқҳои касаба мебошанд ва ин корро нозирони дахлдори иттифоқҳои касаба амалӣ менамоянд.

Зарур аст, ки мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи меҳнат дар ҳамкорӣ бо дигар сохтору мақомот, аз ҷумла прокуратура назорати масъалаи мазкурро ба таври ҷиддӣ ба роҳ монад.

Рӯй додани ҳодисаҳои нохуш дар истеҳсолот сабабгори осеб бардоштан ва ҳатто марги кормандон мегардад, ки ҳар яке аз ин ҳолатҳо боиси таассуф ва нигаронӣ мебошад.

Таҳлили вазъ дар ин самт дар ду соли охир нишон медиҳад, ки дар кишвар 196 ҳодисаи нохуши истеҳсолӣ рух дода, дар натиҷа 47 нафар кормандон фавтидаанд.

Ҳодисаҳои нохуш аксаран бо сабаби риоя накардан ё таъмин набудани шароити бехатари корӣ рӯй медиҳанд. Пешгирӣ ва таъмин намудани шароити бехатари меҳнат нисбат ба ҷуброни зарар дар истеҳсолот ба корфармо якчанд баробар камхарҷ меафтад.

Иттифоқҳои касаба бояд кӯшиши худро ба он равона намоянд, ки дар ҳар як ташкилоту корхона тибқи талаботи Кодекси меҳнат ва шартномаи коллективӣ барои ҳифзи меҳнат ва муоинаи тиббии кормандон дар ҳаҷми муайянгардида маблағҳои зарурӣ ҷудо карда шаванд.

Инчунин, иттифоқҳои касабаро зарур аст, ки дар фаъолияти ҳамарӯзаашон назорати ҷамъиятиро ҷиҳати риояи ҳуқуқҳои меҳнатӣ, иҷтимоиву иқтисодӣ, чорабиниҳои ҳифзи меҳнат ва риояи қоидаҳои санитариву гигиенӣ дар корхонаву муассисаҳо, сарфи назар аз шакли моликият, амалӣ намоянд.

Таъмини меҳнати арзанда ва маоши муносиб яке аз вазифаҳои асосии ҳам давлат ва ҳам иттифоқҳои касаба мебошад.

Сари вақт пардохт нагардидани музди меҳнати кормандони соҳаҳои гуногуни иқтисодиёт яке аз масъалаҳои муҳимми рӯз буда, бо вуҷуди тадбирҳои андешидашуда қарздорӣ аз пардохти музди меҳнат боқӣ мондааст.

Иттифоқҳои касабаи соҳаҳои зикршударо зарур аст, ки ҳамкориро бо корфармоён ва корхонаҳое, ки дар онҳо қарздории музди меҳнат ҷой дорад, тақвият бахшида, ҷиҳати кам кардани қарзи музди меҳнат ва дар оянда роҳ надодан ба ин падидаи номатлуб чораҳои дар қонун пешбинишударо амалӣ намоянд.

Таъкид менамоям, ки масъалаи роҳ надодан ба қарздории музди меҳнат бояд минбаъд низ дар маркази таваҷҷуҳи Ҳукумати мамлакат, масъулони соҳа ва иттифоқҳои касаба қарор дошта бошад.

Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ дар ҳамкорӣ бо шарикони иҷтимоӣ, вазорату идораҳо ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо ба хотири марҳала ба марҳала кам намудан ва аз байн бурдани қарздории ташкилоту муассисаҳо аз пардохти музди меҳнат тадбирҳои мушаххас андешад.

Ҳамчунин, роҳбарони Федератсияҳои иттифоқҳои касаба доир ба ҳалли масъалаҳои зикршуда ва дигар мушкилоти мавҷуда ба таҳкими ҳамкорӣ ва ҳамгироии фаъолияти иттифоқҳои касабаи соҳавӣ эътибори ҷиддӣ диҳанд.

**Ҳозирини арҷманд!**

Назорати масъалаи саломатии кормандон ва аъзои оилаи онҳо самти афзалиятноки фаъолияти иттифоқҳои касаба ба ҳисоб меравад.

Бинобар нокифоя будани маблағҳои ба ин самт равонашуда ҳар сол қарори алоҳидаи Ҳукумати мамлакат дар бораи ташкили истироҳати тобистонаи кӯдакон ва наврасон қабул гардида, барои кӯдакони ятиму бепарастор, аз оилаҳои камбизоат ва кӯдакону наврасони болаёқат аз ҳисоби маблағҳои буҷетӣ истироҳати тобистона ташкил карда мешавад.

Ҳар сол ҷиҳати фарогирии кӯдакону наврасон ба истироҳатгоҳҳои тобистона 55 истироҳатгоҳи беруназшаҳрӣ фаъолият менамоянд, ки дар онҳо кӯдакони ятиму бепарастор, аз оилаҳои камбизоат, онҳое, ки дар муассисаҳои давлатии таълимӣ, яъне мактаб — интернатҳои вазорату идораҳои дахлдор ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо таҳти сарпарастӣ ва таъминоти давлат қарор доранд, бо роҳхат ба ин истироҳатгоҳҳо равона карда мешаванд.

Дар ин раванд, ҳар сол дар 1348 истироҳатгоҳи наздимактабӣ, 164 истироҳатгоҳи меҳнативу истироҳатӣ, 4 истироҳатгоҳи намуди санаторӣ, 83 истироҳатгоҳи фароғативу таълимӣ, 329 истироҳатгоҳи варзишу беҳдоштӣ, 265 мавзеи тандурустӣ, 19 истироҳатгоҳи назди интернатҳо барои кӯдакону наврасон аз ҳисоби маблағҳои буҷети давлат истироҳат ва солимии кӯдакону наврасон таъмин карда мешавад.

Дар баробари ин, дар масъалаи ташкил ва назорати фаъолияти истироҳатгоҳҳои наврасону кӯдакон ҳоло ҳам мушкилиҳои зиёд ҷой доранд.

Дар кишвар шумораи истироҳатгоҳҳои беруназшаҳрии доимамалкунанда ниҳоят кам буда, талаботи кӯдакону наврасон ва падару модарон дар самти фарогирӣ ба таътили тобистона пурра қонеъ гардонида намешавад.

Бинобар ин, ба мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо супориш дода мешавад, ки бо ҷалби соҳибкорони ватанӣ доир ба масъалаи дар мавзеъҳои бехавф ва хушбоду ҳаво бунёд намудани истироҳатгоҳҳои замонавӣ барои кӯдакону наврасон ҷораҷӯӣ намоянд.

Мушкилии дигар ин аст, ки қисми зиёди мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои кӯҳистон, ки аз ҳисоби дастгирии марказонидашудаи буҷети давлатӣ фаъолият менамоянд, дар бобати солимгардонии кӯдакону наврасон имконияти маҳдуди молиявӣ доранд.

Илова бар ин, қисми зиёди истироҳатгоҳҳое, ки дар кишвар аз даврони шӯравӣ то ба имрӯз фаъолият доранд, ба талаботи замон ҷавобгӯ нестанд.

Бинобар ин, зарур мешуморам, ки як гурӯҳи кории босалоҳият таъсис дода, доир ба ҳолати имрӯзаи чунин муассисаҳо ва зарурати таҷдиди онҳо ба Ҳукумати мамлакат дар муддати 3 моҳ пешниҳод манзур карда шавад.

Масъалаи дигари ҳалталаби соҳаи иттифоқҳои касаба фоизи ками маблағи аз ҳисоби андозҳои суғуртаи давлатии иҷтимоӣ ҷудошуда дар корхонаҳо ба шумор меравад, ки он барои ташкили истироҳату солимгардонии кормандон ва аъзои оилаи онҳо кифоя нест.

Бо ҳамин сабаб ва бо дарназардошти болоравии нархи маҳсулот ва хизматрасониҳо, арзиши роҳхатҳо ба санаторияву осоишгоҳҳо ва нокифоя будани маблағҳои ҷудошаванда на ҳамаи кормандон имконияти истироҳат ва табобатро доранд.

Ҷойи таассуф аст, ки тайи солҳои Истиқлоли давлатӣ аз ҷониби иттифоқҳои касаба дар самти пешгирии баланд шудани нархҳо ягон иқдоми ҷиддие амалӣ нашудааст, ҳарчанд ки қонун ба онҳо салоҳиятҳои зарурӣ додааст.

Вобаста ба ин мавзӯъ, зарур аст, ки масъалаи такмили санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи ин самт ҳамаҷониба баррасӣ карда шавад.

Ҷиҳати бартараф намудани камбудиҳои зикршуда ба вазоратҳои адлия, меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ дастур ва ба Федератсияи иттифоқҳои касабаи мустақили Тоҷикистон тавсия дода мешавад, ки санади «Тартиб ва андозаи хароҷоти маблағҳои суғуртаи давлатии иҷтимоӣ барои табобати санаторию курортӣ, ташкили истироҳати кормандон ва аъзои оилаи онҳо ва дигар чорабиниҳои беҳдоштию пешгирикунанда дар корхонаҳо”-ро бо дарназардошти арзиши воқеии роҳхатҳо ва андозаи маблағи аз суғуртаи давлатии ба ин самт равонгардида ҳаматарафа омӯхта, баъди такмил ва бартараф намудани камбудиҳо дар муддати 3 моҳ лоиҳаи нави тартиби мазкурро таҳия ва ба Ҳукумати Тоҷикистон пешниҳод намоянд.

**Дӯстони азиз!**

Тадбирҳо оид ба таъсис додани ҷойҳои кории нав, рушди касбии захираҳои меҳнатӣ, дастгирии иҷтимоии муҳоҷирони меҳнатии ба Ватан баргашта, мусоидат ба шуғли занон ва ҷавонон, рушди соҳибкории инфиродӣ ва таъмини кафолатҳои давлатии иҷтимоӣ ҳангоми бекорӣ масъалаҳои муҳимтарини иҷтимоӣ мебошанд.

Вобаста ба афзоиши аҳолии кишвар захираҳои меҳнатӣ низ мунтазам зиёд шуда, талабот ба ҷойҳои кории нав сол ба сол зиёд мегардад.

Аз ин рӯ, дар роҳи ҳалли мушкилиҳои дар доираи шарикии иҷтимоӣ ҷойдошта мо бояд ҳамкории бештар ва фарогир дошта бошем.

Соли 2018 байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Федератсияи иттифоқҳои касабаи мустақили Тоҷикистон ва Иттиҳодияи корфармоёни Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018–2020 созишномаи генералӣ ба имзо расид.

Бояд гуфт, ки соли 2018 аз маҷмӯи маҳсулоти дохилии кишвар дороии ташкилотҳои суғуртавӣ 0,54 фоиз, уҳдадориҳо 0,28 ва сармояи оинномавии онҳо 0,17 фоизро ташкил додааст. Ин рақамҳо нишон медиҳанд, ки ташкилотҳои суғуртавӣ дар рушди иқтисоди кишвар саҳми назаррас надоранд.

Бинобар ин, пешниҳод карда мешавад, ки механизми танзими иқтисодии фаъолияти ташкилотҳои суғуртавӣ таҳия ва ҷалби фаъоли сармоя ба ин самт ба роҳ монда шавад, зеро дар кишварҳои пешрафта маҳз ҳамин ташкилотҳо нақши яке аз сарчашмаҳои дохилии сармоягузории дарозмуддатро мебозанд.

Мушкили дигар дар фаъолияти иттифоқҳои касаба ташаккули шарикии иҷтимоӣ ба шумор меравад, ки он ҳанӯз дар марҳалаи ибтидоӣ қарор дорад. Яъне корфармоён масъулияти иҷтимоӣ ва иттифоқҳои касаба мустақилияти воқеӣ ва фаъолиятро дар ҳифзи манфиатҳои кормандон надоранд.

Бояд тазаккур дод, ки фаъолияти иттифоқҳои касаба аз рӯйи тарҳи солҳои 1990-ум қабулгардида ба роҳ монда шуда, имрӯз ба тағйироти ҷиддии сифатӣ ниёз дорад.

Аз ин рӯ, фаъолияти иттифоқҳои касаба бояд бо дарназардошти имкониятҳои нав ва равандҳои муосири иқтисодӣ таҷдиди назар гардида, нақши онҳо дар рушди афзалиятноки ҳуқуқи инсон, сохтори ташкилӣ ва такмил додани имкониятҳои молиявӣ тақвият дода шавад.

Аз ин лиҳоз, ба Федератсияи иттифоқҳои касаба, вазоратҳои меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, Маркази тадқиқоти стратегӣ ва Академияи илмҳо супориш дода мешавад, ки ба хотири рушду тавсеаи минбаъдаи иттифоқҳои касаба ҳамчун ниҳоди муҳимми ҷомеа, мутобиқ сохтани усулҳои фаъолияти он ба талаботи вақту замон ва равандҳои муосири муносибатҳои ҷамъиятӣ лоиҳаи «Барномаи амали иттифоқҳои касаба барои солҳои 2020–2027 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»-ро таҳия ва ба Ҳукумати мамлакат пешниҳод намоянд.

Инчунин, зарур аст, ки ҳамкории иттифоқҳои касаба бо мақомоти давлатӣ, корфармоён ва иттиҳодияҳо (иттифоқҳо, ассоциатсияҳо)-и онҳо дар асоси шарикии иҷтимоӣ ва ҳамкории тарафҳои муносибатҳои корӣ ва намояндагони онҳо, инчунин, дар заминаи шартномаҳо ва созишномаҳои коллективӣ тақвият дода шавад.

Ҳамзамон бо ин, иттифоқҳои касаба бояд бо мақомоти ҳокимияти давлатӣ, иттиҳодияҳо (иттифоқҳо, ассоциатсияҳо) ва дигар ташкилотҳои ҷамъиятии соҳаи рушди табобати санаториву курортӣ, муассисаҳои истироҳатӣ, сайёҳӣ, тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш самаранок ҳамкорӣ карда, дар татбиқи сиёсати иҷтимоиву иқтисодии давлат ширкати фаъолона дошта бошанд.

Иттифоқҳои касаба бояд бо тартиби муқарраршуда тавассути намояндагони ваколатдори худ дар кори ҳайати мушовараи вазоратҳо ва дигар мақомоти марказии ҳокимияти иҷроия (ғайр аз мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва сохторҳои низомӣ), ҷалсаҳои мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти идоракунии корхонаҳо фаъолона ширкат варзанд.

Бо итминон метавон гуфт, ки роҳбарону фаъолон ва аъзои иттифоқҳои касабаи мустақили Тоҷикистон барои фароҳам овардани шароити шоистаи кор ва зиндагӣ ба мардуми шарифи Ватани азизи мо – Тоҷикистон содиқона хизмат хоҳанд кард.

Дар ин роҳи пуршарафу созанда ба ҳамаи шумо муваффақият ва барори кор орзу менамоям.

**Ҳамеша саломату сарбаланд бошед!**

# Ведение бизнеса 2020:

## Отмечаются важные результаты новейшей программы реформ, нацеленной на улучшение делового климата в Таджикистане




**Решение Правительства Республики Таджикистан, направленное на снятие первостепенных ограничений делового климата, которые сдерживали активное участие частного бизнеса в достижении амбициозных целей развития страны, дало первые результаты: в докладе Группы Всемирного банка «Ведение бизнеса 2020» отмечены три взаимосвязанные реформы в сфере делового климата, осуществлённые в прошлом году, которые позволили Таджикистану войти в число 10 стран, достигших наибольшего прогресса в улучшении деловой среды.**

**Таджикистан сделал большой шаг вперёд, заняв 106 место в мире с оценкой 61,3 из 100.**

*«В контексте амбициозных целей развития и появляющихся торговых возможностей Таджикистан осознал, что улучшение делового климата для малых и средних предприятий открывает путь к инвестициям, инновациям, созданию рабочих мест и устойчивой мобилизации внутренних ресурсов»,* – отметил Ян-Петер Олтерс, глава представительства Всемирного банка в Таджикистане. *«Дальнейшая реализация реформ в таком темпе позволит Таджикистану заложить основу для расширения деятельности частного сектора, экспортной ориентации и динамичных темпов устойчивого и всестороннего роста».*

**Основные моменты реформ, проведённых Таджикистаном:**

- Внесение социального идентификационного номера в свидетельство о регистрации компании во время регистрации.
- Усовершенствование доступа к кредитам путем создания единого, современного и основанного на уведомлении реестра залогового обеспечения; формирование функциональной системы обеспеченных сделок; расширение объема активов, которые могут быть использованы в качестве залогового обеспечения; разрешение общего описания долгов и обязательств; предоставление обеспеченным кредиторам абсолютного приоритета; и установление сроков и четких оснований для освобождения от автоматических задержек во время прохождения процедур реорганизации.
- Содействие экспорту товаров благодаря установлению приоритетов при таможенном оформлении скоропортящихся продуктов.

Наиболее значительные улучшения в Таджикистане были связаны с получением кредитов. Расширение законодательства об обеспеченных сделках облегчило финансирование предпринимателей, сделало его менее рискованным и менее затратным. В настоящее время оценка Таджикистана составляет 11 из 12 в вопросе эффективности индекса законных прав, и страна занимает 11 место в мире по этому показателю.

Важно отметить, что Таджикистан усовершенствовал процесс регистрации новых субъектов предпринимательства. Теперь предприниматели получают социальный идентификационный номер в момент регистрации компании в Налоговом комитете. Время, необходимое для начала бизнеса в Таджикистане, было сокращено до семи дней, что меньше, чем в среднем по региону.

Вследствие усовершенствования доступа к рынкам соседних стран, были упрощены процедуры трансграничной торговли. При экспорте скоропортящихся товаров, таких как свежие фрукты и орехи, местные предприниматели теперь затрачивают меньшее количество времени на выполнение всех пограничных процедур. Это первые шаги выполнения широкой повестки дня реформ, что требует от страны, которая всё ещё не вышла на региональный уровень норм затрат, усовершенствования результативности в этой крайне важной сфере.

В перспективе, приоритеты реформ в Таджикистане лежат в областях, где отмечается относительно низкая результативность: получение доступа к электроэнергии (163 балла), разрешение вопросов неплатежеспособности (153), уплата налогов (139) и получение разрешений на строительство (137). Например, местным предпринимателям в Таджикистане необходимо пройти девять процедур для подключения к электроснабжению, самое большое количество процедур в регионе. Страна получила только четыре балла из восьми по индексу надежности поставок и прозрачности тарифа. Кроме того, составляя только 29,6 цента за доллар, средний уровень окупаемости в Таджикистане остается ниже, чем в среднем по региону, где он составляет 38,5 цента.

**Всемирного Банка в Таджикистане**

**ҶАЛАСА**

# Таъкиду вазифагузориҳо

**12 октябри соли 2019 дар Раёсати андоз дар шаҳри Душанбе бо иштироки сардори Раёсати ташкили андозбандии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Шамсулло Кабирзода, муовини сардори Раёсати андоз дар шаҳри Душанбе Обиди Муҳаммадсаид, сардори Нозироти андоз дар ноҳияи Фирдавсӣ Фаррух Сафарализода ва кормандони нозироти андози ноҳияи мазкур ҷаласаи корӣ баргузор гардид, ки дар он масъалаи натиҷаи фаъолияти Нозироти андоз дар ноҳияи Фирдавсӣ дар 9 моҳи соли 2019 ва вазифаҳо барои давраҳои минбаъда баррасӣ шуд.**

Ҷаласаи кориро сардори Раёсати ташкили андозбандӣ Шамсулло Кабирзода ифтитоҳ намуд. Ӯ аз ҷумла гуфт, ки Нозироти андоз дар ноҳияи Фирдавсӣ нақшаи қисми даромади буҷетро дар 9 моҳи соли 2019-ум ба андозаи 94,8% таъмин карда, ба ҷойи 174,5 миллион сомонӣ ба буҷет 165,3 миллион сомонӣ ворид намуд, ки аз нақшаи пешбинишуда 9,3 миллион сомонӣ кам ва нисбат ба маблағҳои дар ҳамин давраи соли гузашта ҷамъоваригардида 16 миллион сомонӣ зиёд мебошад.

Дар ҷаласа қайд шуд, ки бино бар ба таври дахлдор иҷро нашудани вазифаҳои хизматӣ, аз ҷониби баъзе кормандон нақшаи қисми даромади буҷет дар моҳи сентябр ва нимсолаи аввали соли 2019 таъмин нашуд, ҳол он ки имкониятҳо барои ҷамъоварии босифати андозҳо дар ноҳияи Фирдавсӣ мавҷуд буданд. Таҳлилҳо ва рақамҳои дар барномаҳои компютерии Системаи муттаҳидаи иттилоотии идоракунии андозҳо (СМИИА) нишон медиҳанд, ки аз ҷониби кормандони нозироти андози ноҳия ҳатто нисбати субъектҳои дар қайди нозироти андози ноҳияи мазкурбуда назорати қатъӣ карда намешавад. Дар ҳоле ки дар ҳудуди ноҳия, тавре ба назар мерасад, субъектҳои беқайди дар мақомоти андоз ба фаъолияти соҳибкорӣ машғулбуда хеле зиёданд.

Дар ҷаласа, ҳамчунин, аз фаъолияти нокифояи кормандони нозироти андози ноҳия сухан рафт. Аз ҷумла, вобаста ба сари вақт пешниҳод нашудани эъломияҳои андоз, нагузаронидани санҷишҳои амалиётӣ, назоратҳои камералӣ ва дигар корҳои назоратӣ, чораҷӯӣ ва назорат накардан аз натиҷаҳои муоинаҳои хронометражии гузаронидашуда ва ба ҷавобгарии маъмурӣ ҷалб нашудани андозсупорандагоне, ки ба қонунвайронкуниҳо роҳ додаанд, изҳори андеша шуд.

Дар идомаи ҷаласа таъкид шуд, ки кормандони нозироти андоз ҷиҳати ҷиҳати дарёфт намудани манбаъҳои нави андозбандӣ ва пешгирии фаъолияти соҳибкории ғайриқонунӣ дар ҳудуди ноҳия чораҷӯӣ намоянд. Ҳамчунин, барои пурра ба тариқи электронӣ гузаронидан бо андозсупорандагоне, ки (шахсони ҳуқуқӣ, соҳибкорони инфиродӣ ва ташкилоту муассисаҳои буҷетӣ) то ҳол ҳисоботи андозии худро тариқи қоғазӣ пешниҳод мекунанд, ба таври ҷиддӣ кор баранд.

Вобаста ба масъалаҳои баррасишуда ҷаласа қарорҳои дахлдор қабул кард.

**Тоҳир ЧИЛАЕВ**

**НАЛОГИ ЗА РУБЕЖОМ**

## Власти Бухареста планируют увеличить туристический налог



**Власти Бухареста в следующем году планируют увеличить туристический налог, сообщает Agerpres.**

Для путешественников, посещающих столицу Румынии, сбор может возрасти вдвое — с 1% до 2% от суммы, заплаченной за ночь в отеле, апартаментах, общежитиях, бунгало, кемпингах и других объектах размещения.

Дополнительно собранные средства власти города планируют потратить на его продвижение внутри страны и за рубежом, чтобы увеличить турпоток, привлечь инвесторов и повысить доход от туротрасли.

**Источник: https://ria.ru**

**Бо мақсади гузаронидани корҳои фаҳмондадиҳӣ бо кормандони вазорату идораҳо оид ба муқаррарот ва моҳияти Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи андоз, хизматрасониҳои мақомоти андоз, моҳияти корҳои назоратӣ, масъалаҳои алоқаманд ба бақайдгирӣ ва қатъи фаъолияти соҳибкорӣ, инчунин, дигар масъалаҳои алоқаманд ба фаъолияти мақомоти андоз, Фармоиши Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4 сентябри соли 2019, тахти №415 ба тасвиб расид.**

# Машварат идроку ҳушёрӣ диҳад



Вобаста ба ин, 25 октябри соли 2019 дар Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон бо иштироки сардорони раёсатҳои Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва кормандони Вазорати маориф ва илми кишвар семинар-машварат доир гардид.

Семинар-машваратро муовини вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Усмонзода Фатҳиддин Бадриддин ифтитоҳ намуд. Сипас, сардори Раёсати хизматрасонӣ ба андозсупорандагони Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҷумъахон Нурзода суханронӣ намуд. Ӯ қайд кард, ки имрӯз мақомоти андози мамлакат робитаи худро бо тамоми вазорату идораҳои кишвар, аз ҷумла Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон хеле хуб ба роҳ мондааст. Номбурда афзуд, ки мақсад аз гузаронидани семинар-машварти мазкур, пеш аз ҳама, фаҳмонидани муқаррароти қонунгузоии андоз ва имтиёзу сабукиҳои пешниҳодшуда ба субъектҳои соҳибкорӣ мебошад.

Дар идомаи ҷаласа, сардори Раёсати ташкили андозбандии Кумитаи андоз Шамсулло Кабирзода оид ба такмили қонунгузории андоз, аз ҷумла дархости пешниҳодҳо оид ба қабули Кодекси андоз дар таҳрири нав ва дастгирии соҳаҳои гуногуни иқтисодиёти кишвар изҳори андеша кард. Махсусан, вобаста ба низоми андози соҳаи маориф қайд кард, ки бо мақсади дастгирӣ намудани фаъолияти таълимӣ аз соли 2013 то 31 декабри соли 2023 тибқи қонунгузории андоз барои фаъолияти таълимӣ меъёри пасткардашудаи (5 - фоизаи) андоз аз арзиши иловашуда муқаррар шудааст, ки нисбат ба меъёри стандартии (18 - фоизаи) андоз аз арзиши иловашуда, ки дигар субъектҳои соҳибкорӣ пардохт менамоянд, 13 фоиз кам мебошад.

Ҳамчунин, дар ҷаласа сардори шуъбаи рушди маъмурикунонии андози Кумитаи андоз Собир Вазиров оид ба низоми андози Ҷумҳурии Тоҷикистон, рушди маъмурикунонии андоз ва бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ маълумоти муфассал дод. Ӯ аз ҷумла қайд кард, ки мувофиқи моддаи 6 Кодекси андоз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 10 намуди андоз, аз ҷумла 8 намуди андози умумидавлатӣ ва 2 намуди андозҳои маҳаллӣ муқаррар шудааст. Номбурда ёдовар шуд, ки дар фасли XVI Кодекси андоз низомҳои махсуси андозбандӣ муқаррар шудааст, ки тибқи онҳо категорияҳои алоҳидаи андозсупорандагон ӯҳдадоранд баъзе андозҳои умумидавлатӣ ва маҳаллиро тибқи тартиби содакардашуда супоранд.

Собир Вазиров дар робита ба бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ изҳор дошт, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бақайдгирии давлатии фаъолияти соҳибкорӣ дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ» аз ҷониби мақомоти андоз аз рӯи принсипи “Равзанаи ягона” анҷом дода мешавад.

Тартиби нави бақайдгирии давлатии субъектҳои соҳибкорӣ нисбат ба тартибе, ки қаблан амал мекард, бартарияти зиёд дорад: мӯҳлати бақайдгирӣ ба туфайли истифода аз барномаҳои махсуси компютерӣ, ташкили махзани ягонаи маълумот, бунёди шабакаи электронии табодули маълумот миёни Кумитаи андоз бо мақомоти худудӣ ва мақомоти омору ҳифзи иҷтимоӣ, аз 49 рӯз то ба 5 рӯз (барои бақайдгирии шахси ҳуқуқӣ) ва 3 рӯз (барои филиал ва намояндагиҳои шахси ҳуқуқии хориҷӣ ва соҳибкорони инфиродӣ) кам карда шуд.

Бо дарназардошти такмили заминаи техникии барномаи компютерии таъминкунандаи истифодаи Феҳристи ягонаи давлатӣ аз соли 2014 аз тарафи Кумитаи андоз бо Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мубодилаи маълумот тариқи онлайн пурра таъмин шуда, аз тарафи Агентии омор бе ягон мамониат ба субъектҳои хоҷагидории ба Феҳристи ягонаи давлатӣ воридгардида, рамзҳои оморӣ гузошта мешавад.



Вобаста ба рушди маъмурикунонии андоз Собир Вазиров зикр намуд, ки солҳои охир мақомоти андоз кӯшиш намуда истодааст, ки аз технологияи иттилоотӣ ва барномаҳои компютерӣ бештар истифода карда, тамоми хизматрасониҳои худро дар шакли электронӣ, бе ҳозир шудани андозсупоранда ба мақомоти андоз, ба роҳ монда, корҳои тавзеҳотию фаҳмондадиҳиро зиёд намоянд.

Дар интиҳо, миёни кормандони Кумитаи андоз ва Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон мубодилаи афкор сурат гирифт.

**Тоҳир ЧИЛАЕВ**

# Пинҳонкориҳо ошкор шуданд

**Аз ҷониби кормандони Раёсати андози вилояти Хатлон ва мақомоти ҳудудии андоз дар фаъолияти 2853 андозсупоранда санҷиши амалиётии андоз гузаронида шудааст, ки дар натиҷа, 1603,8 ҳазор сомонӣ андозҳо барилова ҳисоб шуда, ба буҷет ворид гардиданд.**



Дар 9 моҳи соли 2019 аз ҷониби Раёсати андоз 377 андозсупоранда тахти санҷиши амалиётии андоз қарор гирифтанд, ки маблағи он 1081,5 ҳазор сомониро дар бар мегирад. Нозиротҳои андози шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон фаъолияти 2516 андозсупоранда санҷиши амалиётӣ гузарониданд ва ба маблағи умумии 522,3 ҳазор сомонӣ андозҳои иловагӣ ҳисоб карда шуда, ба буҷет ворид гардиданд. Нисбати 346 нафар андозсупоранда протоколҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ тартиб ёфта, 595,5 ҳазор сомонӣ ҷаримаҳои маъмурӣ татбиқ гардидааст.

Санҷишҳои гузаронидаи Раёсати андоз нишон додаанд, ки дар аксарияти нозиротҳои андози шаҳру ноҳияҳо ба масъалаи дар қайд гузоштани коргарони кироя диққати ҷиддӣ дода намешавад. Масалан, дар ноҳияи Абдураҳмони Ҷомӣ Раёсати андози вилоят оид ба фаъолияти ҶДММ “Баракати Ҷомӣ” дар моҳи июл таҳлил гузаронид. Таҳлил дақиқ намуд, ки аз ҷониби ҷамъияти мазкур масоҳати 317 га заминҳои обӣ ба 45 нафар шахси алоҳида дар масоҳатҳои гуногун бо мақсади истеҳсол ва фурӯши маҳсулоти кишоварзӣ ба иҷора дода шудааст. Барои ҳар як га замин ҳамчун иҷорапулӣ дар як сол тибқи шартнома ба маблағи 1100 сомонӣ муқаррар шудааст. Ҳамзамон, 45 нафар шахси алоҳида, ки заминҳоро ба иҷора гирифтаанд, дар фаъолияти худ, маҷмӯан, 524 нафарро ҳамчун коргари кироя истифода менамоянд. Вале тартиби дурустии ҳисоб ва пардохти андозҳо аз ҷониби иҷорагирандагон умуман риоя карда намешавад. Яъне иҷорагирон худро дар мақомоти андоз ба қайд нагирифта, ба истеҳсол ва фурӯши маҳсулоти кишоварзӣ машғул мебошанд. Андозҳои муқаррарнамудаи Кодекси андоз - андози низоми содакардашуда, андоз аз даромад ва андози иҷтимоӣ аз ҳисоби коргарони кироя ҳисобу пардохт нашуда истодааст. Чунин ҳолатҳо тақрибан дар аксарияти нозироти андози шаҳру ноҳияҳои вилоят ба назар мерасад, ки хеле ташвишовар аст.

**С. РУСТАМ, вилояти Хатлон**

ШАҲРВАНДОНИ МУҲТАРАМ!

КУМИТАИ АНДОЗИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

БА МАЪЛУМОТИ ШУМО МЕРАСОНЕМ, КИ РОҶЕЪ БА МАСЪАЛАҲОИ АНДОЗ ВА АНДОЗБАНДӢ МЕТАВОНЕД АЗ СОМОНАИ КУМИТАИ АНДОЗ **WWW.ANDOZ.TJ** ВА БАРОИ ГИРИФТАНИ ПОСУХ АЗ БАХШИ ИТТИЛООТИИ (КОНТАКТ-СЕНТР) **151** ИСТИФОДА НАМОЕД.

**АНДОЗ ВА ҚОНУН**

# Муносибати ҷиддӣ мебояд

**Рушду инкишофи иқтисодиёт ва беҳдошти ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ аз фаъолияти корхонаю ташкилот, дар маҷмӯъ соҳибкорону андозсупорандагон вобастагии калон дорад. Айни замон фаъолияти аксар корхонаву ташкилотҳои кишвар самарабахш буда, онҳо дар рушду нумӯи иқтисодиёт, ғановати буҷети мамлакат ва баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии мардум саҳм гузошта истодаанд. Аммо имрӯз дар ҳар шаҳру ноҳияҳои кишвар корхонаву ташкилот ва муассисаву хоҷагиҳое низ фаъолият мекунанд, ки дар назди буҷети давлат қарздоранд.**

Чуноне аз ҳисоботи Нозироти андоз дар шаҳри Турсунзода "Дар бораи натиҷаи фаъолияти мақомоти ҳудудии андоз дар нуҳ моҳи соли 2019" бармеояд, бақияи қарзи андоз дар шаҳр ба ҳолати 1-уми октябри соли равон 5146, 9 ҳазор сомониро ташкил медиҳад. Маҳз ҳамин рақамҳо аз ҳолатҳои саркашӣ аз пардохти андозҳо аз ҷониби як қатор корхонаву ташкилотҳо ва соҳибкорони алоҳида далолат мекунанд, ки ин, албатта, ба таъмини қисми даромади буҷети давлатӣ бетаъсир намондаанд.

Дар ин давра мақомоти андози шаҳр ба 307 адад андозсупоранда – шахси ҳуқуқӣ ва 198 нафар соҳибкори инфиродии дар назди буҷет қарздор ба маблағи 2666,6 ҳазор сомонӣ огоҳинома ирсол намуд, ки аз ин ҳисоб мутаносибан 1320,6 ҳазор сомонии он ба буҷет ворид гардид. Оид ба маҷбуран ситонидани қарзи андозҳо нисбати 45 нафар андозсупоранда ба маблағи 1503,1 ҳазор сомонӣ қарори Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба имзо расида, аз ин ҳисоб 868,9 ҳазор сомонӣ ба буҷет ворид шуд. Бояд қайд кард, ки аз 45 адад қарори қабулгардида 22 адади он пурра иҷро шудааст, ки ин камтар аз 50 фоизи қарорҳои қабулгардидаро ташкил медиҳад. Инчунин, дар ин давра нисбати 9 нафар андозсупоранда қарорҳои Кумитаи андоз оид ба боздошти амалиётҳои суратҳисоби бонкӣ қабул шудааст, ки алҳол тахти назорат қарор доранд. Аз ҳисоби қарорҳои дар соли 2018 қабулгардида, ки 6 ададро ташкил менамуд, ба буҷет 666,5 ҳазор сомонӣ ворид шудааст. Иҷрои 3 адад қарори аз соли 2018 мавқуфмонда таъмин ва иҷрои 3 адад қарори дигар дар арафаи анҷомёбист.

- Бояд зикр кард, ки яке аз сабабҳои афзоиш ёфтани қарзи андозҳо дар шаҳри Турсунзода масъулияти ҷиддӣ эҳсос нашудан аз ҷониби кормандони андоз буд, ки мо сари вақт дарк намуда, дар ин самт чораҷӯӣ намудем, - гуфт зимни суҳбат муовини сардори Нозироти андоз дар шаҳри Турсунзода Одина Саидов. - Дар ҷараёни таҳлили фаъолияти кории кормандони андоз мо мушаххас намудем, ки баъзе кормандон нисбати корхонаҳои қарздори минтақаашон муносибати ҷиддӣ намекунанд. Фармоиши Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 18 апрели соли 2016, тахти №118 "Оид ба тасдиқи тартиби баҳисобгирии муваққатии маблағи андозҳои бахснок ва чораҷӯӣ оиди барҳамдиҳими онҳо"-ро амалан иҷро намекунанд. Бо қарздорон корҳои фаҳмондадиҳӣ намегузаронанд. Маҳз, ҳамин боис мегардад, ки роҳбарони корхонаҳои қарздор ба фориғболӣ роҳ дода, нисбати қарзҳои корхонаи худ дар назди буҷет бепарвой зоҳир менамоянд.

Вобаста ба ин, кормандони нозироти андоз барои сари вақт напардохтани маблағи қарзи андоз ва роҳ додан ба қонунвайронкуниҳои андоз нисбати 6 нафар андозсупоранда парванда тартиб доданд, ки айни замон мавриди баррасӣ қарор доранд. Ҳамзамон, барои риоя накардани талаботи қонунгузории андоз ба маблағи 323,7 ҳазор сомонӣ 196 протоколи маъмурӣ тартиб дода шудааст, ки аз ин 183,8 ҳазор сомонии он ба буҷет ворид гардидааст.

Айни замон кормандони Нозироти андоз дар шаҳри Турсунзода дар самти кам кардани бақияи қарзи андозҳо ва баланд бардоштани савияи дониши ҳуқуқии андозсупорандагон тамоми тадбирҳоро андешида истодаанд.

**Муҳаммадӣ ТАБАРЗОДА,**
**шаҳри Турсунзода**

**Тибқи талаботи моддаи 40 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон муоинаи хронометражӣ шакли назорати андоз буда, аз ҷониби мақомоти андоз бо мақсади муқаррар намудани даромад ва хароҷоти воқеии андозсупорандагон, ки ба гирифтани даромад алоқаманд аст, гузаронида мешавад. Ҳадаф аз гузаронидани муоинаи хронометражӣ дар фаъолияти андозсупорандагон, муайян намудани манбаи аслии андозбандишаванда, дарёфти нави манбаъҳои андозбандӣ ва ошкор намудани андозсупорандагоне мебошад, ки мақсади пинҳон намудани манбаъҳои андозбандишавандаро доранд.**

# Манбаи аслии андозбандишаванда

Тавре сардори шуъбаи Раёсати санҷиши андозҳои Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Шаҳриёр Авғонов қайд намуд, дар ҷараёни кор ҳолатҳое мушоҳида мегардад, ки мақомоти андозро водор месозад то қонуншиканиҳои бархе аз андозсупорандагонро пешгирӣ карда, бо мақсади муайян намудани манбаъҳои аслии андозбандишаванда муоинаи хронометражӣ гузаронанд. Ин аст, ки дар нуҳ моҳи соли 2019 аз тарафи мақомоти андоз фаъолияти андозсупорандагоне, ки ба фурӯши хӯрок, хариду фурӯши молҳои ниёзи мардум, харидуфурӯши сӯзишворӣ, харидуфурӯши молҳои саноатӣ ва ғайра машғуланд, тахти муоинаи хронометражӣ қарор гирифтаанд. Аз натиҷаи муоинаи хронометражӣ бармеояд, ки бархе аз андозсупорандагон манбаи аслии андозбандишавандаро 4-5 маротиба кам нишон додаанд ва ҳамин аст, ки тибқи тартиби муқарраргардида фурӯши воқеии онҳо бо санади дахлдор ба расмият даровarда ва таҳти назорат қарор дода шуданд.

Тибқи иттилои мавсуф, дар нуҳ моҳи соли 2019 аз тарафи мақомоти андоз бо мақсади муайян намудани манбаи аслии андозбандишаванда дар фаъолияти 1515 андозсупоранда муоинаи хронометражӣ гузаронида шудааст, ки даромади умумии онҳо пеш аз гузаронидани муоинаи хронометражӣ 55761,5 сомониро ташкил медод, баъди гузаронидани муоина даромади умумии онҳо 963344 сомониро ташкил додааст, ки фарқият 40572,9 сомонӣ мебошад. Аз ҷумла, дастгоҳи марказии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 256 муоинаи хронометражӣ гузаронидааст ва маълум шудааст, ки пеш аз гузаронидани муоина даромади умумии соҳибкорон 17647, 5 сомонӣ будаасту баъди гузаронидани муоина он 34364,4 сомониро ташкил намудааст, ки фарқият 16716,9 сомонӣ мебошад.

Раёсати андоз дар шаҳри Душанбе дар якҷоягӣ бо нозиротҳои андози ноҳияҳои шаҳр 192 муоинаи хронометражӣ гузаронидааст. Пеш аз гузаронидани муоинаи хронометражӣ даромади умумии соҳибкорон 4488,5 сомониро ташкил намуда, баъди гузаронидани муоина даромади умумии онҳо 9194,8 сомонӣ муайян шудааст, ки фарқият 4706,3 сомонӣ мебошад.

Ҳамин тариқ, Раёсати андоз дар вилояти Хатлон дар якҷоягӣ бо нозиротҳои андози шаҳру ноҳияҳои вилоят 370 муоинаи хронометражӣ гузаронидааст. Пеш аз гузаронидани муоинаи хронометражӣ даромади умумии соҳибкорон 7209 сомониро ташкил медод ва баъди гузаронидани муоинаи хронометражӣ даромади умумии онҳо 11425,4 сомониро ташкил намуд, ки фарқият 4216,4 сомонӣ мебошад. Раёсати андоз дар вилояти Суғд дар якҷоягӣ бо нозиротҳои андози шаҳру ноҳияҳои вилоят дар ин давра 392 муоинаи хронометржӣ гузаронидааст. Пеш аз муоинаи хронометражӣ чуноне маълум шуд, даромади умумии соҳибкорон, дар маҷмӯъ, 9394,9 сомониро ташкил додааст. Баъди гузаронидани муоина ин рақам ба 15932,1 сомонӣ расидааст, ки фарқият 6537,2 сомонӣ мебошад. Раёсати андоз дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон (ВМКБ) 66 муоинаи хронометражӣ гузаронида, муайян кардааст, ки баъди гузаронидани муоина даромади умумии соҳибкорон 568,2 сомониро ташкил намудааст. Ҳоло он ки пеш аз муоина даромади умумии соҳибкорон 329,1 сомониро ташкил намуда буд. Нозиротҳои андоз дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ дар ин давра 210 муоинаи хронометражӣ гузаронидаанд. Маълум гардид, ки пеш аз муоинаи хронометражӣ даромади умумии соҳибкорон 2465,1 сомониро ташкил медод. Вале баъди гузаронидани муоинаи хронометражӣ тавре муайян шуд, даромади умумии соҳибкорон 4823,4 сомониро ташкил медиҳад, ки фарқият 2358,3 сомонӣ мебошад. Нозироти андозсупорандагони калон (НАК) 4 адад муоинаи хронометражӣ гузаронидааст, ки пеш аз муоинаи хронометражӣ даромади умумии соҳибкоон 7632,5 сомонӣ буду баъди гузаронидани муоинаи хронометражӣ он 11410 сомониро ташкил намудааст, ки фарқият 3777,5 сомонӣ мебошад. Нозироти андозсупорандагони миёна (НАМ) дар ин давра 25 муоинаи хронометражӣ гузаронидааст. Муайян гардидааст, ки баъди гузаронидани муоинаи хронометражӣ даромади умумии соҳибкорон 8616,1 сомонӣ мебошад. Ин дар ҳолест, ки пеш аз гузаронидани муоина даромади умумии соҳибкорон 6594,9 сомониро ташкил медод.

Теъдоди муоинаҳои хронометражии дар фаъолияти андозсупорандагон гузаронидашуда дар нуҳ моҳи соли 2019 нисбат ба ҳамин давраи соли 2018-ум 260 ададро ташкил дода, зиёд намудани манбаи андозбандишаванда 120,2 сомониро ташкил намудааст.

Ш. Авғонов қайд намуд ки новобаста аз таъкидҳои пайвастаи роҳбарияти Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҷаласаҳои қаблан гузаронидашуда дар мавриди беҳтар намудани нишондодҳо дар самти муоинаи хронометражӣ ва ислоҳи камбудиҳои нозиротҳои андози баъзе шаҳру ноҳияҳо дар фаъолияти андозсупорандагон ҳамагӣ аз 1 то 5 муоинаи хронометаржӣ гузаронидаанд, ки ин нокифоя аст.

Ин дар ҳолест, ки теъдоди андозсупорандагоне, ки манбаи андозбандишавандаро ҳар моҳ шабеҳ (яхела) пешниҳод менамоянд ва манбаи андозбандишавандаи ин андозсупорандагон шубҳаовар мебошад, дар нозиротҳои андози шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ зиёд ба назар мерасад.

Вобаста ба ин, мақомоти ҳудудии андоз вазифадор гардидаанд, ки бо риояи талаботи муқаррароти Кодекси андоз ва мактубҳои супориши Кумитаи андоз сифатнокии муоинаҳои хронометражиро таъмин намоянд, камбудиҳои ҷойдоштаро давра ба давра ислоҳ ва самаранокии фаъолиятро беҳтар созанд. Ҳамзамон, соҳибкоронро зарур аст, ки қонунгузории андозро риоя намоянд ва ҳаргиз ба қонуншиканиҳои андоз роҳ надиҳанд.

**Мазҳаб ҶУМЪА**

# Эҳтироми пули миллӣ эҳтироми миллат аст

Асъори миллӣ - сомонӣ унсури муҳими давлатдории Тоҷикистон буда, яке аз пулҳои устувор дар Иттиҳоди давлатҳои мустақил ба ҳисоб меравад.

Барои дарёфти тафсилоти бештар дар ин бора суҳбате доштем бо декани факултети иқтисодиёт ва молияи Донишгоҳи технологии Тоҷикистон Сатторов Абдурасул Абдуғафорович, ки фишурдаи онро пешкаши хонандагон мегардонем.



**- Пули миллӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аввалин маротиба кай ба муомилот бароварда шудааст?**

- Бояд қайд намоям, ки яке аз унсурҳои асосии муносибати иқтисоди бозорӣ ва инчунин ташкили бозор ин муомилоти пулӣ маҳсуб меёбад. Пул моли махсусест, ки дар байни молҳои дигар нақши эквивалентӣ (яъне баробарсозӣ, мубодила)-ро иҷро менамояд.

Агар ба таърихи пайдоиши муомилоти пулӣ дар қаламрави Тоҷикистон назар афканем, он аз давраҳои қадим ибтидо мегирад. Тангаҳои қадимтарине, ки дар қаламрави Тоҷикистон пайдо шудаанд, «Хазинаи Амударё», ки ҳанӯз соли 1878 дар ноҳияи Қубодиён кашф гардида буд, далели гуфтаҳост.

Барориши нахустин пулҳои коғазӣ дар қаламрави Осиёи Миёна, ки мисли сиккаҳои нуқра «танга» ном доштанд, ба солҳои охири ҳукмронии амири охирини Бухоро Саид Олимхон рост меояд.

Пулҳои коғазӣ бо арзиши 20, 50, 100, 300, 500, 1000, 2000, 5000, 10000 танга ба муомилот бароварда шуда буданд. Ташкили низоми муосири бонкӣ танҳо баъди истиқлолият ба даст овардани Тоҷикистон (9 сентябри соли 1991) муяссар гардид. Бо вуҷуди он ки Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 1991 истиқлолият ба даст овард, то охири соли 1993 дар ҳудуди ҷумҳурӣ пули давраи Иттиҳоди Шӯравӣ – рубли русӣ ва баъдтар аз 1 январи соли 1994 — пули нақди Федератсияи Русия гардиш мекард. Тоҷикистон дар байни давлатҳои нави мустақил ягона кишваре боқӣ монда буд, ки дар қаламрави он то соли 1995 рубли Федератсияи Русия дар муомилот истифода мешуд. Ин вазъият як қатор мушкилоти ҷиддии иҷтимоию иқтисодиро ба миён овард. Ҳалли ин мушкилот ва масъалаҳои дигар зарурати ҷорӣ кардани пули худиро ба миён овард. Ҳамин тариқ, бо мақсади татбиқи сиёсати самараноки иқтисодӣ, суръатбахшӣ ба дигаргуниҳои иқтисодӣ ва бунёди низоми мустақили пули Тоҷикистон бо ташаббуси шахсӣ ва дастгириҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар хусуси ҷорӣ намудани пули миллии Тоҷикистон қарор қабул гардид. Мутобиқи қарори Комиссияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҷорӣ намудани пули миллӣ аз 6 майи соли 1995, №8 (324) «Дар бораи тартиби дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ба муомилот баровардани пули миллӣ - рубли тоҷикӣ» аз 10 майи соли 1995 пули миллии Тоҷикистон бо арзиши 1, 5, 10, 20, 50, 100, 200, 500, 1000 рубли намунаи соли 1994, барориши Бонки миллии Тоҷикистон, ба муомилот бароварда шуд.

Ба муомилот баровардани пули миллӣ барои рушди минбаъдаи ҷумҳурӣ аҳамияти муҳими иқтисодӣ дошт. Ин воҳиди пулӣ дар муддати 5 соли дар муомилот қарор доштанаш дар ташкили заминаҳои истиқлолияти иқтисодии кишвар нақши муҳим бозид ва барои оғози фаъолияти нави комилан миллии пулӣ шароити зарурӣ муҳайё кард. Бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 октябри соли 2000, №415 дар хусуси аз таърихи 30 октябри соли 2000 ба муомилот баровардани воҳиди нави пули миллии кишвар - «Сомонӣ», ки ба ифтихори бунёдгузори нахустин давлати мутамаркази тоҷикон ИсмоилиСомонӣ номгузорӣ шудааст, эълон гардид ва пулҳои коғазӣ бо арзиши 1, 5, 10, 20, 50, 100 сомонӣ ва воҳиди хурди он бо арзиши 1, 5, 20, 50 дирам ба муомилот бароварда шуданд. Дар пулҳои коғазии нав расми арбобони бузурги муосир ва гузаштаи халқи тоҷик ва ҳамчунин тасвири ёдгориҳои меъморӣ ва таърихии Тоҷикистон, ашёи санъату ҳунари мардуми тоҷик ҷой дода шудаанд.

**- Чӣ зарурат пеш омад, ки пули милии коғазӣ ва ё тангаҳо ба муомилот бароварда шаванд?**

- Ҷомеаи инсонӣ аз нигоҳи таърих то имрӯз шаклҳои гуногуни муносибатҳои молию пулиро аз сар гузаронидааст. Агар ба таърихи илми иқтисод назар афканем, мебинем, ки аввалин нишонаи хоҷагии молӣ тақсимоти ҷамъиятии меҳнат ба ҳисоб меравад, ки мувофиқи он ҳар инсон ба истеҳсоли ин ё он намуди молу хизматҳо махсус гардонида шуда зарурати мубодила ба вуҷуд омад. Аввалин шакли мубодила ин мубодилаи бевоситаи мол бо мол буд. Вақте ки истеҳсолот рушд кард, бо тангаҳои тиллою нуқра таъмин кардани мубодила ғайриимкон гашт, зеро фулузоти тиллою нуқра миқдоран камчин буданд ва истифодаашон ноқулай буд. Баъдан пулҳои коғазӣ пайдо шуданд, ки марҳалаи навро дар муомилот ба вуҷуд оварданд.

**- Пеш аз барориш у истифодаи тангаҳои тиллою нуқра мардуми тоҷик андози давлатро бо чӣ пардохт мекард?**

- Вақте ки аввалин давлатҳо пайдо шуданд, баробари онҳо буҷети давлатӣ ба вуҷуд омад. Аз рӯи маълумоте, ки мутафаккири бузурги форсу тоҷик Насриддини Тусӣ дар асари "Оиди молиёт"-и хеш овардааст, халқи тоҷик барои ғанӣ гардондани буҷети давлат номгӯи гуногуни андозро дар шакли пулию молӣ мепардохтаанд. Агар мо ба таърих назар андӯзем, мебинем, ки қабл аз пайдоиши тангаҳои тиллою нуқра дар асрҳои X-XII ҳанӯз барои пойдории давлат намудҳои андоз бо номи "сардарахт", "ушр", ки даҳяку бистяк ва ё ин ки бо номи "дудӣ" яъне ба таъбири имрӯза андоз барои экология ситонида мешуд. Ҳамчунин, барои чорво, масалан аз 10 сар гов яктои онро барои андози давлат медоданд. Дар баробари ин аз чарогоҳҳо низ боҷ ситонида мешуд.

**- Айни ҳол гардиши пул ва қурби сомонӣ дар бозори ҷаҳон дар кадом сатҳ қарор дорад?**

- Қурби пули миллии ҳар кишвар, пеш аз ҳама, вобастааст аз сатҳи истеҳсолоти ватании он. Имрӯз яке аз сабабҳои асосии паст шудани қурби асъори миллии мо нисбат ба асъори хориҷӣ, масалан доллар дар он аст, ки баланси савдои Тоҷикистон манфӣ аст. Яъне манфӣ будан бар он маънист, ки воридоти Тоҷикистон нисбат ба содироташ 3 маротиба зиёд аст. Дар ин ҳолат, албатта, вақте, ки ба бозори ҷаҳон таваҷҷӯҳ зоҳир менамоем, мебинем, ки талабот ба асъори хориҷӣ дар дохили кишвар зиёд аст. Вақте талабот ба асъори хориҷӣ зиёд бошад, пас ин яке аз омилҳои баланд рафтани қурби асъори хориҷӣ ва паст шудани қурби асъори сомонӣ мегардад. Аз ин рӯ, барои нигоҳ доштани устувории қурби пули миллӣ мо бояд истеҳсоли ватаниро зиёд намоем. Афзоиши содирот метавонад сарчашмаи асосии пойдории қурби асъори миллӣ шавад.

Мусоҳиб
Ширинмоҳи МУҲАММАДӢ

ХИЗМАТРАСОНӢ

# Рӯ ба рӯ бо андозсупоранда

**Анҷом додани корҳои фаҳмондадиҳию тавзеҳотӣ, такмил ва беҳтар намудани сифати хизматрасонӣ ба шаҳрвандон ва андозсупорандагон яке аз самтҳои муҳими фаъолияти мақомоти андоз ба ҳисоб меравад.**

Дар ин хусус, сармутахассиси Раёсати хизматрасонӣ ба андозсупорандагони Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадӣ Ниёзов зикр кард, ки Кумитаи андоз бахри баланд бардоштани фарҳанги андозсупории андозсупорандагон, гузаронидани корҳои фаҳмондадиҳию тавзеҳотӣ, аз ҷумла семинар – машварату вохӯриҳо ва таҳияи намоишҳо дар давраи ҳисоботӣ корҳои зиёди назаррасеро анҷом додааст.

Тибқи иттилои манбаъ, дар 9 моҳи соли 2019 тибқи Стандарти ягонаи хизматрасонӣ ба андозсупорандагон ва нақшаи чорабиниҳои Кумитаи андоз ва мақомоти ҳудудии андоз дар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ бо иштироки андозсупорандагон 2669 семинар – машварату вохӯриҳо гузаронида шудааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 404 адад зиёд мебошад. Аз шумораи умумии семинар - машваратҳои баргузоршуда ба нозиротҳои андози ноҳияҳои шаҳри Душанбе 514 адад, вилояти Суғд 761 адад, вилояти Хатлон 401 адад, Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон 266 адад, шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ 287 адад ва Кумитаи андоз 440 адад рост меояд.

Дар ин давра аз ҷониби мақомоти андоз ба воситаи шабакаҳои телевизионӣ, радио, марказҳои иттилоотӣ, сомонаҳои интернетӣ, рӯзномаву маҷаллаҳо, дар маҷмӯъ, 677 барнома, эълон ва маҳолаҳои фаҳмондадиҳӣ ба тасвиб расонида шудааст. Аз шумораи умумии корҳои фаҳмондадиҳии тавассути ахбори омма баргузоршуда, ба нозиротҳои андози ноҳияҳои шаҳри Душанбе 95 адад, вилояти Суғд 165 адад, вилояти Хатлон 15 адад, ВМКБ 13 адад ва Кумитаи андоз 389 адад рост меояд. Мутаассифона, дар ин давра аз ҷониби нозиротҳои андози шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, умуман, корҳои фаҳмондадиҳӣ тавассути воситаҳои ахбори омма баргузор нагардидааст.

Тавре гуфта мешавад, гарчанде дар 9 моҳи соли 2019 шумораи семинар-машваратҳо нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта, дар маҷмӯъ, 404 адад зиёд гардида бошад ҳам, новобаста аз ин, дар 9 мақомоти ҳудудии андоз камшавии баргузории семинар-машваратҳо нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта ба назар мерасад. Аз ҷумла, дар Раёсати андоз дар ВМКБ 5 адад семинар-машварат, нозиротҳои андози шаҳру ноҳияҳои Зафаробод 11 адад, Шаҳристон 9 адад, Кӯҳистони Мастчоҳ 4 адад, Қубодиён 3 адад, Роғун 2 адад, Сангвор 5 адад, Лахш 1 адад ва Нозироти андозсупорандагони миёна 6 адад семинар-машварат нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта кам гузаронида шудаанд.

Маҳмадӣ Ниёзов афзуд, ки дар 9 моҳи соли 2019 аз ҷониби нозиротҳои андоз дар шаҳру ноҳияҳои Қубодиён 5 адад, Абдураҳмони Ҷомӣ 7 адад ва Шамсиддин Шоҳин 7 адад семинар-машварат баргузор шудааст, ки ба ҳисоби миёна дар як моҳ 0,7 ададро ташкил медиҳад. Илова бар ин, дар ин давра нозиротҳои андоз дар шаҳру ноҳияҳои Кӯҳистони Мастчоҳ, Вахш, Восеъ, Данғара, Дӯстӣ, Ҷайҳун, Муъминобод, Панҷ, Фархор, Ҳамадонӣ, Ховалинг, Хуросон, Носири Хусрав, Шаҳритус, Ёвон, Роғун, Турсунзода, Сангвор ва Лахш аз 9 то 14 адад семинар-машварат баргузор кардаанд, ки ба ҳисоби миёна дар як моҳ 1 адад рост меояд.

Вобаста ба ин, мақомоти ҳудудии андозро зарур аст, ки ҷиҳати зиёд кардани корҳои фаҳмондадиҳӣ ба воситаи телевизион, радио ва дигар воситаҳои хабаррасонӣ, инчунин, баргузор намудани семинар-машваратҳо бо иштироки шаҳрвандон ва андозсупорандагон чораҳои заруриро андешанд. Инчунин, аз натиҷаи семинар-машваратҳои баргузоршуда ва мониторинги саволҳо ва таклифҳои дар рафти семинар-машваратҳо аз ҷониби андозсупорандагон пешниҳодшуда мутобиқи намунаи ҷадвали замимашаванда протокол тартиб дода, маълумоти дақиқро ба Кумитаи андоз пешниҳод намоянд.

Т. ЗИКРУЛЛО

# Бақияи маблағҳои ҷарима чӣ гуна рӯёнида мешаванд?

**Нозироти андоз дар ноҳияи Файзобод дар нуҳ моҳи соли 2019 иҷрои нақшаи пешбинишударо 104 фоиз таъмин намуда, ба буҷет 14415473 сомонӣ ворид кардааст, ки нисбат ба нақшаи пешбинишуда 555473 сомонӣ ва нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 1849075 сомонӣ зиёд мебошад.**

Оид ба натиҷаҳои ҷамъбасти нақшаи андози иҷтимоӣ сардори Нозироти андоз дар ноҳияи Файзобод Олим Лоиқов зикр намуд, ки нақшаи ин намуди андоз низ дар нуҳмоҳаи соли равон пурра таъмин шуд. Яъне воридоти ин намуди андоз дар ин давра ба ҷои 3420000 сомонӣ ба буҷети Агенти суғуртаи иҷтимоӣ 4025184 сомониро ташкил медиҳад, ки ин 118% -и иҷрои нақшаро дарбар мегирад. Ин нишондод нисбат ба нақшаи тасдиқшуда 605184 сомонӣ ва нисбат ба маблағҳои воқеан ҷамъоваришудаи ҳамин давраи соли гузашта 623844 сомонӣ зиёд мебошад.

- Дар маҷмӯъ,- мегӯяд Олим Лоиқов, - нақшаи андозҳо, бо дарназардошти андози иҷтимоӣ, дар нуҳ моҳи соли 2019 ба андозаи 107% таъмин гардидааст. Маблағҳои аз ин ҳисоб воридшуда 18440657 сомониро ташкил медиҳад, ки нисбат ба нақшаи пешбинишуда 1158657 сомонӣ ва нисбат ба маблағҳои ҷамоваришудаи ҳамин давраи соли гузашта 2472917 сомонӣ зиёд мебошад.

Мувофиқи талаботи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муҳлатҳои муайяншуда барои дуруст муайян намудани ҳисоббаробаркуниҳо ба буҷет байни корхонаҳо, соҳибкорони инфиродии тибқи патент ва шаҳодатнома фаъолияткунанда ва шахсони воқеӣ санадҳои муқоисавӣ тартиб дода мешавад. Дар давраи ҳисоботӣ бо 3621 андозсупоранда, аз ҷумла бо шахсони ҳуқуқӣ 264 адад, соҳибкорони инфиродии тибқи патент фаъолияткунанда 275 адад, соҳибкорони инфиродии тибқи шаҳодатнома фаъолияткунанда 218 адад ва хоҷагиҳои деҳқонии бе таъсиси шахси ҳуқуқӣ 2867 адад санади муқоисавӣ тартиб дода шудааст.

- Ба ҳолати 1 январи соли 2019 бақияи қарзи андоз аз ҳисоби 423 адад андозсупоранда 965400 сомониро ташкил медод, - илова мекунад Олим Лоиқов, - аммо ба ҳолати 1 октябри соли 2019 бақияи қарзи андоз аз ҳисоби 292 андозсупоранда 683000 сомониро ташкил намудааст. Яъне нисбат ба ҳолати 1 январи соли 2019 шумораи қарздорон 131 адад ва маблағи қарзи андозҳо 282000 сомонӣ кам шудааст.

Дар самти ситонидани қарзи андозҳо тибқи талаботи моддаи 72 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дар 447 ҳолат ба унвони андозсупорандагони дар назди буҷет қарздор ба маблағи 2218800 сомонӣ огоҳиномаҳо равон шуда, аз ин ҳисоб ба буҷетҳои дахлдор ба маблағи 966300 сомонӣ ворид гаштааст. Шумораи огоҳиномаҳо нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 120 адад зиёд мебошад.

Дар хусуси ситонидани қарзи андозҳо О. Лоиқов илова намуд, ки дар нуҳ моҳи сипаришудаи соли ҷорӣ, пурра ва сари вақт иҷро накардани ӯҳдадориҳои андозӣ, дар 19 ҳолат нисбати андозсупорандагон дар асоси пешниҳоди нозироти андоз аз тарафи Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон чораҳои маҷбуран ситонидани андозҳо дар шакли қабули қарорҳо ба маблағи 2225500 сомонӣ татбиқ шуда, ба ҳолати 1 октябри соли 2019 иҷрои 19 қарор ба маблағи 2095900 сомонӣ таъмин гардидааст.

Мутобиқи талаботи Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар нуҳ моҳи соли 2019 аз тарафи кормандони нозироти андоз дар 164 ҳолат протоколҳои маъмурӣ тартиб дода шудааст, ки маблағи он 220871 сомониро ташкил медиҳад. Қайд намудан лозим аст, ки агарчи маблағи воридшудаи ҷаримаҳои татбиқшуда нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта зиёд аст, аммо то ҳанӯз ҳолати рӯёнидани бақияи маблағҳои ҷарима ташвишовар боқӣ мондааст.

**Тоҷинисои ЗАЙНИДДИН**

**Дар натиҷаи амалиётӣ Гурӯҳи корӣ, ки дар асоси Амрномаи Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе бо мақсади гузаронидани санҷиши амалиётии шабонарӯзӣ сафарбар гарида буд, як қатор қонунвайронкуниҳои андозӣ ошкор ва барои ислоҳи камбудиҳои ҷойдошта ба андозсупорандагон корҳои фаҳмондадиҳӣ гузаронида шудааст.**

# Ошкоршавии қонунвайронкуниҳо



Вале, новобаста аз чораҳои андешидашуда, баъзе андозсупорандагон, ки дар фаъолияташон қонунвайронкуниҳои зиёди андозӣ ошкор гардидааст, камбудиҳояшонро дар муҳлати пешбинигардида ислоҳ накардаанд, ки зарурати дар фаъолияти онҳо гузаронидани корҳои назоратӣ ба миён омадааст.

Тавре роҳбари Гурӯҳи корӣ-сардори шуъбаи Раёсати санҷиши андозҳои Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Шаҳриёр Авғонов қайд намуд, дар фаъолияти ҶДММ "Фонус", ки дар ноҳияи Сино, кӯчаи С. Шерозӣ 16 ба қайд гирифта шуда, ба воридот ва фурӯши таҷҳизоти электронӣ машғул аст, муайян шуд, ки ҷамъият аз аввали соли ҷорӣ дар ноҳияи Шоҳмансур, кӯчаи Теппаҳои Шарқӣ ба сохтмони бинои бисёрошёна машғул буда, айни замон корҳои сохтмониро дар қабати сеюм ба анҷом расонидааст. Ҷамъияти мазкур дар шуъбаи Нозироти андозсупорандагони миёна дар ноҳияи Синои шаҳри Душанбе ҳисоботдиҳанда буда, фаъолияти худро бе Рамзҳои сабабҳои бақайдгирӣ (РСБ) ё кушодани филиалу намояндагӣ дар ноҳияи Шоҳмансур ба роҳ мондааст. Инчунин, дар фаъолияти худ 10 нафар коргари кироя бо фонди музди меҳнатӣ 16,0 ҳазор сомонӣ барои як моҳ нишон додааст. Ҳол он ки тавре ҳангоми гузаронидани корҳои назоратӣ муайян гардид, танҳо дар маҳалли сохтмон ҷамъият бо ҷалби 21 нафар коргари кироя фаъолият намуда истодааст.

Ба гуфтаи роҳбари Гурӯҳи корӣ таҳлили барномаи компютерии СИА «Баҳисобгирии андозҳо» нишон додааст, ки дар фаъолияти ҷамъият аз ҳисоби бинои баландошёна, воқеъ дар ноҳияи Шоҳмансур, эҳтимоли дар ҳисоботи андоз кам нишон додани манбаи андозбандишаванда ба маблағи 129,7 ҳазор сомонӣ ҷой дорад. Дар натиҷа, тибқи маълумоти дастрасгардида ва ҳисоботи пешниҳоднамудаи андозсупоранда нисбати ҶДММ «Фонус» тибқи талаботи банди 11 Фармоиши Кумитаи андоз аз 10.01.2018, №14 «Оид ба тасдиқи шакли намунавии назорати камералӣ» эҳтимолияти кам ҳисоб ва пардохт намудани андозҳоро ба маблағи 49,3 ҳазор сомонӣ муайян намуда, барои гузаронидани назорати камералӣ пешниҳод шудааст.

- Ҳангоми гузаронидани санҷиши амалиётӣ маълум гардид, ки шахси воқеӣ Аҳмадҷон Олимҷонов тайи 11 рӯз аст, ки бе қайд дар мақомоти андоз ба харидуфурӯши асбобҳои мусиқӣ ва таҷҳизоти техникаи маишӣ машғул аст, - гуфт Ш. Авғонов. - Дар натиҷаи гузаронидани корҳои фаҳмондадиҳӣ ҳуҷҷатҳои вобаста ба фаъолияти соҳибкорӣ дар бахши бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ ба Нозироти андоз дар ноҳияи Шоҳмансур супорида шуда, А. Олимҷонов бо шаҳодатномаи соҳибкорӣ таъмин гардид.

Инчунин, чуноне маълум шудааст, шахси воқеӣ Рамазон Шарипов муддати 14 рӯз бе қайд дар мақомоти андоз ба хизматрасонии бозиҳои компютерӣ машғул гардидааст. Дар натиҷа, аз тарафи Гурӯҳи корӣ протоколи маъмурӣ тартиб дода шуда, ҳуҷҷатҳои вобаста ба фаъолияти соҳибкорӣ дар бахши бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ ба Нозироти андоз дар ноҳияи Шоҳмансур супорида шудааст.

Ҳамчунин, муайян гардид, ки шахсони воқеӣ Ҳусейни Хайрулло, Тоҷиддин Сафаров ва Мавлуда Азимова бе қайд дар мақомоти андоз ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул шудаанд. Дар натиҷа, бо роҳи гузаронидани корҳои фаҳмондадиҳӣ Ҳ. Хайрулло, Т. Сафаров ва М. Азимова бо ҳуҷҷатҳои соҳибкорӣ (патент) таъмин гардидаанд.

Шаҳриёр Авғонов қайд намуд, ки зимни гузаронидани санҷиши амалиётӣ муайян гардидааст, шахси воқеӣ Абдуғафор Каримов, ки ҳамчун иҷорадиҳанда мебошад, бе қайд дар мақомоти андоз ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул гардидааст. Дар натиҷа, нисбати А. Каримов ба маблағи 2,2 ҳазор сомонӣ протоколҳои маъмурӣ тартиб дода шуда, маблағи ҷарима ба буҷет ворид шудааст. Илова бар ин, соҳибкор ба корҳои сохтмонӣ бо мақсади фаъолияти соҳибкорӣ, аз ҷумла додани иҷораи молу мулк машғул гардидааст, ки дар натиҷа, эҳтимолияти кам нишон додани андозҳо аз манбаи 39,2 ҳазор сомонӣ ба маблағи 14,9 ҳазор сомонӣ ҳисоб карда шуда, бо гузаронидани корҳои фаҳмондадиҳӣ, эъломияҳои иловагӣ гирифта шудааст. Инчунин, андозҳо аз молу мулки ғайриманқул ва андози замин ба маблағи 15,0 ҳазор сомонӣ аз ҳисоби қарзи андозҳо аз молу мулки ғайриманқул ҳисоб шуда, барои ворид намудан ба буҷет чораҷӯӣ идома дорад.

Ҳамчунин, дар фаъолияти шахси воқеӣ Юсуф Ҳакимов, ки ба фаъолияти додани иҷора машғул аст, дар рафти гузаронидани санҷиш муайян шудааст, ки номбурда ба сохтмони бинои 2- ошёна машғул гардида, эҳтимолияти кам нишон додани андозҳо аз манбаи 24,3 ҳазор сомонӣ ба маблағи 9,2 ҳазор сомонӣ ҳисоб шудааст. Бо гузаронидани корҳои фаҳмондадиҳӣ эъломияҳои иловагӣ гирифта шуда, маблағҳои ошкоргардида ба буҷет ворид карда шуданд. Инчунин, андозҳо аз молу мулки ғайриманқул ва андози замин ба маблағи 2,1 ҳазор сомонӣ ҳисоб ва ба буҷет ворид гардидааст.

Ҳамзамон, аз ҷониби Гурӯҳи корӣ барои ислоҳи камбудиҳои ҷойдошта, аз ҷумла оид ба дуруст ҳисоб ва пардохт намудани андозҳо, дар эъломияҳо пурра нишон додани шумораи коргарони кироя ва фонди музди меҳнат корҳои фаҳмондадиҳӣ идома дорад.

**Маҳзаб ҶУМЪА**

# Самтҳои муҳими фаъолият

## Корҳои назоратӣ

Раёсати андоз дар шаҳри Душанбе дар 9 моҳи соли 2019 дар фаъолияти 977 адад андозсупоранда санҷиши риояи қонунгузории андоз гузаронидааст. Аз шумораи умумии санҷишҳои гузаронидашуда 211 адади он ба раёсати андози шаҳр ва 766 адади дигар ба нозиротҳои андози ноҳияҳои Шоҳмансур, Исмоили Сомонӣ, Сино ва Фирдавсии шаҳри Душанбе рост меояд.

Вобаста ба ин, муовини сардори Раёсати андоз дар шаҳри Душанбе Обиди Муҳаммадсаид гуфт, ки дар натиҷаи гузаронидани санҷишҳои андоз ба маблағи 15,3 млн. сомонӣ кам ҳисоб кардан ва пинҳонкунии андозҳо ошкор ва аз маблағҳои барилова ошкоршуда бо дарназардошти бақияи қарзи андозҳои солҳои гузашта ба буҷет 17,5 млн. сомонӣ ворид гардид, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта шумораи санҷишҳо 169 адад зиёд ва маблағи ба буҷет воридшуда 1,6 млн. сомонӣ кам мебошад.




## Назорати камералӣ

Гузаронидани назорати камералӣ дар фаъолияти соҳибкорон аз самтҳои дигари корҳои назоратӣ ба ҳисоб меравад, ки он бо мақсади пешгирии қонунвайронкуниҳои андоз аз тарафи андозсупорандагон гузаронида мешавад.

Дар ин давра Раёсати андоз ва нозиротҳои андози шаҳри Душанбе тибқи муқаррароти моддаи 37 Кодекси андоз нисбати 1345 андозсупоранда назорати камералӣ гузаронидаанд. Ҳамчунин, ба андозсупорандагон ба маблағи 43,1 млн. сомонӣ огоҳиномаҳо ирсол шуда, дар натиҷа, ба маблағи 12,5 млн. сомонӣ эъломияҳои иловагии андоз пешниҳод гардидааст. Аз ҳисоби эъломияҳои иловагии пешниҳодшуда ба буҷет 14,3 млн. сомонӣ ворид шудааст.

Тибқи иттилои Обиди Муҳаммадсаид, дар ин давра аз ҷониби кормандони Раёсати андоз ба 80 андозсупоранда ба маблағи 2316,9 ҳазор сомонӣ огоҳиномаҳо ирсол гардида, дар натиҷа, ба маблағи 875,3 ҳазор сомонӣ эъломияҳои иловагӣ пешниҳод шудааст. Дар давраи ҳисоботӣ аз тарафи Нозироти андоз дар ноҳияи Шоҳмансур дар фаъолияти 201 андозсупоранда назорати камералӣ гузаронида шуда, ба маблағи 6,8 млн. сомонӣ огоҳинома ирсол гардидааст. Дар натиҷа, ба маблағи 2,8 млн. сомонӣ эъломияҳои иловагӣ пешниҳод ва аз ин ҳисоб 2 млн. сомонӣ ба буҷет пардохт шудааст.

Ҳамчунин, аз тарафи Нозироти андоз дар ноҳияи Исмоили Сомонӣ дар фаъолияти 219 андозсупоранда назорати камералӣ анҷом ёфта, ба маблағи 13,6 млн. сомонӣ огоҳинома ирсол шудааст. Дар натиҷа, ба маблағи 1,7 млн. сомонӣ эъломияҳои иловагӣ пешниҳод ва аз ҳисоби эъломияҳои пешниҳодшуда 4 млн. сомонӣ ба буҷети маҳаллӣ ворид гардидааст. Дар баробари ин, аз ҷониби кормандони Нозироти андоз дар ноҳияи Фирдавсӣ нисбати 550 андозсупоранда назорати камералӣ гузаронида шудааст ва ба маблағи 6,3 млн. сомонӣ огоҳинома ирсол гардидааст. Дар натиҷа, ба маблағи 4,8 млн. сомонӣ эъломияҳои иловагӣ пешниҳод шудаву 3,6 млн. сомонии он ба буҷет пардохт шудааст. Кормандони Нозироти андоз дар ноҳияи Сино низ дар ин давра дар фаъолияти 295 андозсупоранда назорати камералӣ гузаронидаанд ва ба андозсупорандагон ба маблағи 14 млн. сомонӣ огоҳинома ирсол кардаанд. Дар натиҷа, ба маблағи 5,6 млн. сомонӣ эъломияҳои иловагӣ пешниҳод ва аз ин ҳисоб 4,5 млн. сомонӣ ба буҷет пардохт гардидааст.

Ба гуфтаи О. Муҳаммадсаид, новобаста аз таъкидҳои пайваста ва ирсоли мактубҳои дастурию супориши Кумитаи андоз ҳанӯз ҳам гузаронидани назоратҳои камералӣ дар сатҳи паст қарор дошта, огоҳиномаҳо мӯҳлатҳои тӯлонӣ мавриди баҳс қарор мегиранд ва бо анҷоми баҳсҳо огоҳиномаҳо бо тавзеҳоти беасос ба қайд гирифта мешаванд.

## Хариди назоратӣ

Кормандони мақомоти андоз барои боз ҳам хубтар ҷараён гирифтани фаъолияти соҳибкорон ва аз ҷониби онҳо дуруст истифода шудани мошини назоратӣ - хазинавии дорои хотираи фискалӣ дар марказҳои савдову хизматрасонӣ пайваста корҳои фаҳмондадиҳӣ мегузаронанд. Яке аз чунин корҳои назоратӣ ин гузаронидани хариди назоратӣ ба ҳисоб меравад.

Кормандони мақомоти андоз дар шаҳри Душанбе дар нуҳ моҳи соли 2019 дар фаъолияти 392 адад андозсупоранда: ҳам шахсони ҳуқуқӣ ва ҳам соҳибкорони инфиродӣ хариди назоратӣ гузаронида, нисбати онҳо ба маблағи 1733,7 ҳазор сомонӣ протоколҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ тартиб додаанд, ки алҳол аз ин маблағ 1059,1 ҳазор сомониаш ба буҷет таъмин шудааст.

Дар ин давра аз ҷониби кормандони Раёсати андоз дар шаҳри Душанбе 144 адад хариди назоратӣ гузаронида шудааст ва дар натиҷа, ба маблағи 789,2 ҳазор сомонӣ парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ тартиб ёфтааст. Ҳамчунин, аз ҷониби кормандони нозиротҳои андози ноҳияҳои Шоҳмансур 74 адад ба маблағи 277,5 ҳазор сомонӣ, Исмоили Сомонӣ 40 адад ба маблағи 203,5 ҳазор сомонӣ, Фирдавсӣ 75 адад ба маблағи 244,2 ҳазор сомонӣ ва Сино 59 адад хариди назоратӣ гузаронида шуда, ба маблағи 219,3 ҳазор сомонӣ парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ тартиб дода шудаанд.

## Санҷишҳои амалиётӣ

Гузаронидани санҷишҳои амалиётии андоз ҷиҳати пешгирии қонунвайронкуниҳои андоз, бартараф намудани камбудиҳои ҷойдошта ва таъмини воридоти саривақтии маблағи андозҳои дар рафти амалиётҳо ошкоршуда аз ҳадафҳои асосии кормандони мақомоти андоз ба ҳисоб меравад.

Тибқи иттилои Обиди Муҳаммадсаид, кормандони мақомоти андози шаҳри Душанбе дар нуҳ моҳи соли 2019 дар асоси 36 амрнома санҷишҳои амалиётӣ гузаронидаанд, ки аз ин 2 адад ба Раёсати андоз дар шаҳри Душанбе, 5 адад ба Нозироти андоз дар ноҳияи Шоҳмансур, 17 адад ба Нозироти андоз дар ноҳияи Исмоили Сомонӣ, 5 адад ба Нозироти андоз дар ноҳияи Фирдавсӣ ва 7 адад ба Нозироти андоз дар ноҳияи Сино рост меояд.

Дар ин давра фаъолияти 956 андозсупоранда мавриди санҷиш қарор гирифтааст, ки аз ин шумора 122 нафар ба Раёсати андоз дар шаҳри Душанбе, 304 нафар ба Нозироти андоз дар ноҳияи Шоҳмансур, 222 нафар ба Нозироти андоз дар ноҳияи Исмоили Сомонӣ, 115 нафар ба Нозироти андоз дар ноҳияи Фирдавсӣ ва 193 нафар ба Нозироти андоз дар ноҳияи Сино рост меояд.

Ҳамчунин, ҳангоми гузаронидани санҷишҳои амалиётӣ дар нуқтаҳои савдою хизматрасонӣ ва фаъолияти воситаҳои нақлиёт, дар маҷмӯъ, 1143 нафар шахси воқеӣ бе бақайдгирии давлатӣ ҳамчун соҳибкор дар нозиротҳои андоз ошкор шудааст. Дар натиҷа, 52 соҳибкор бо шаҳодатнома ва 942 нафар бо патент таъмин гардиданд.

## Муоинаи хронометражӣ

Яке аз самтҳои дигари корҳои назоратӣ ин гузаронидани муоинаи хронометражӣ мебошад, ки он шакли назорати андоз буда, аз ҷониби мақомоти андоз бо мақсади муқаррар намудани даромад ва хароҷоти воқеии андозсупорандагон, ки ба гирифтани даромад алоқаманд аст, гузаронида мешавад.

Кормандони гурӯҳи санҷиши амалиётӣ, назорати фаврӣ оид ба пешгирии қонунвайронкуниҳои андози Раёсати андози шаҳри Душанбе дар давраи ҳисоботӣ дар фаъолияти 392 андозсупоранда муоинаи хронометражӣ гузаронидаанд. Даромади умумии андозсупорандагон, ки то давраи муоинаи хронометражӣ 4503,6 ҳазор сомонӣ буд, баъд аз гузаронидани муоинаи хронометражӣ ба маблағи 8665,5 ҳазор сомонӣ зиёд карда шуд, ки фарқият 4161,9 ҳазор сомониро ташкил медиҳад.

- Бо вуҷуди ин, - мегӯяд Обиди Муҳаммадсаид, - санҷишҳои амалиётии гузаронидашуда дар бисёр мавридҳо дар сатҳи паст гузаронида шудаанд. - Бинобар ин, шуъбаи санҷишҳои Раёсати андоз дар шаҳри Душанберо зарур аст, ки назоратро дар ин самт пурзӯр намуда, санҷишҳоро дар асоси нақшаи тасдиқшуда ба роҳ монад ва ба сифати гузаронидани санҷишҳо, ошкоркунии қонунвайронкуниҳои андоз ва ислоҳи камбудиҳо диққати ҷиддӣ диҳад.

## Корҳои фаҳмондадиҳӣ

Ба роҳ мондани корҳои фаҳмондадиҳӣ, аз ҷумла семинар-машварату вохӯриҳо яке аз самтҳои муҳими фаъолияти мақомоти андоз ба ҳисоб рафта, ҳамеша дар мадди назари роҳбарияти Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дорад.

Тибқи нақшаи пешбинишуда дар 9 моҳи соли 2019 ҷиҳати тарғиби қонунгузории андоз, бо мақсади баланд бардоштани фарҳанги андозсупории андозсупорандагон, дар марказҳои калони савдою бозорҳо ва корхонаву ташкилотҳо 480 маротиба семинар-машварату вохӯриҳо гузаронида шудааст. Аз ҷумла, кормандони Раёсати андози шаҳри Душанбе 246 маротиба, Нозироти андози ноҳияи Шоҳмансур 59 маротиба, Нозироти андози ноҳияи Исмоили Сомонӣ 48 маротиба, Нозироти андози ноҳияи Фирдавсӣ 64 маротиба ва Нозироти андози ноҳияи Сино 63 маротиба бо шаҳрвандону андозсупорандагон семинар-машварат гузаронидаанд.

Хулоса, кормандони Раёсати андоз дар шаҳри Душанбе ва мақомоти ҳудудии он тамоми донишу таҷрибаи худро баҳри иҷрои вазифаҳои ба зиммаашон гузошташуда равона сохта, кӯшиш ба харҷ дода истодаанд, ки аз уҳдаи иҷрои нақшаи ба зиммаашон гузошташуда ба хубӣ бароянд.

**Тоҳир ЧИЛАЕВ**

# «Оид ба назорати камералӣ»

№434 аз 17.09.2019

**Бо мақсади пешгирии ҳолатҳои қонунвайронкуниҳои андоз, ба танзим даровардани тартиби гузаронидани назорати камералии эъломияҳои (ҳисоботи) андозсупорандагон, беасос халалдор насохтани фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ, мусоидат намудан ба андозсупорандагон ҷиҳати мустақилона ислоҳ намудани номутобиқатиҳои дар эъломияҳои (ҳисоботи) андозҳо ва (ё) пардохтҳо ҷойдошта, риояи тартиб ва мӯҳлати гузаронидани назорати камералӣ, мутобиқ ба муқаррароти моддаҳои 37, 89 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ва банди 16 Низомномаи Кумитаи андоз,**

**ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:**

1. Тартиби гузаронидани назорати камералӣ ва шакли огоҳинома ва маълумотномаи (санади) назорати камералӣ тибқи Замимаҳои №№1, 2, 3 ва 4 ба Фармоиши мазкур тасдиқ карда шаванд.

2. Сардорони раёсатҳои Дастгоҳи марказӣ, раёсатҳои андоз дар ВМКБ, вилоятҳои Суғду Хатлон ва шаҳри Душанбе, Нозироти андозсупорандагони калон, Нозироти андозсупорандагони миёна ва нозиротҳои андоз дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ уҳдадоранд:

- тибқи тартиби муқарраргардида оид ба гузаронидани назорати камералӣ ва барасмиятдарории натиҷаҳои назорати камералиро бо риояи талаботи Фармоиши мазкур таъмин намоянд;

- бо мақсади пешгирии эҳтимолияти қабули огоҳиномаҳои (қарорҳои) беасос аз натиҷаи назорати камералӣ ва пешгирӣ намудан аз бамиён омадани ҳолатҳои бахснок бо андозсупорандагон, барои ворид намудани Огоҳинома, маълумотнома ва қарор аз натиҷаи назорати камералӣ ба барномаи компютерии СИА «Назорати камералӣ», дар Кумитаи андоз ба зиммаи сардори шуъбаи назорати камералӣ, дар Раёсатҳои андоз дар вилоятҳои Суғду Хатлон, шаҳри Душанбе, ВМКБ - сардорони шуъбаҳои санҷиши андозҳо ва сардорони шуъбаҳои (бахшҳои) хизматрасонӣ ба андозсупорандагон, дар нозиротҳои андозсупорандагони калон ва миёна ва шуъбаҳои онҳо дар шаҳри Душанбе - сардорони шуъбаҳои аудит, дар шуъбаҳои нозиротҳои андозсупорандагони калон ва миёна дар вилоятҳои Суғд ва Хатлон - сардорони ин шуъбаҳо, дар нозиротҳои андози шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ - сардорони шӯъбаҳои хизматрасонӣ ба андозсупорандагон вогузор мешавад.

Дохил кардани маълумотномаи (санади) назорати камералӣ ба барномаи компютерии СИА "Назорати камералӣ" танҳо баъд аз гузоштани дастхати сардорони раёсатҳои андоз (нозиротҳои андоз) ва дар шуъбаҳои нозиротҳои андозсупорандагони калон ва миёна дар вилоятҳои Суғд ва Хатлон баъд аз гузоштани дастхати сардорони ин шуъбаҳо дар қисмати болоии маълумотномаи (санади) назорати камералӣ, амалӣ карда мешавад.

3. Раёсатҳои Дастгоҳи марказии Кумитаи андоз ва мақомоти ҳудудии андоз вазифадор карда мешаванд, ки Огоҳиномаи (қарори) назорати камералиро танҳо тавассути барномаи компютерии СИА "Назорати камералӣ" чоп намуда, ба андозсупорандагон дастрас намоянд. Нусхаи маълумотномаи (санади) назорати камералиро, ки бо дастхат ва имзои сардорони раёсатҳо (нозиротҳо), мутобиқатии онҳо ба Фармоиши мазкур тасдиқ гардидааст, ба барнома ворид намоянд.

4. Дар рафти анҷом додани корҳои назоратӣ, аз ҷумла санҷишҳои амалиётӣ гузаронидани назорати камералӣ манъ аст.

- дар рафти санҷишҳои амалиётӣ ва ё санҷишҳои аудитии мақомоти ҳудудии андоз аз ҷониби гурӯҳҳои кории Кумитаи андоз ва нозиротҳои андози шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ амалишаванда, муайян намудани ҳолатҳои қонунвайронкуниҳои андоз, ки тибқи талаботи муқарраргардида зарурати гузаронидани назорати камералиро ба миён меоранд, тибқи Фармоиши Кумитаи андоз «Оид ба гузаронидани санҷишҳои амалиётӣ» бо пешниҳоди гузориши асоснoки роҳбарони гурӯҳҳои корӣ бо иҷозати Раиси Кумитаи андоз, бо риояи ҳатмии Тартиби мазкур назорати камералӣ гузаронида мешавад;

- дар рафти санҷишҳои амалиётии аз ҷониби гурӯҳҳои кории Раёсатҳои андоз дар вилоятҳои Суғду Хатлон, шаҳри Душанбе, ВМКБ, НАК ва НАМ (инчунин шӯъбаҳои ин нозиротҳо дар шаҳри Душанбе ва вилояти Суғд) муайян намудани ҳолатҳои қонунвайронкуниҳои андоз, ки зарурати гузаронидани назорати камералӣ ҷой дорад, тибқи Фармоиши Кумитаи андоз «Оид ба гузаронидани санҷишҳои амалиётӣ» бо пешниҳоди гузориши асоснoки роҳбарони гурӯҳҳои корӣ бо иҷозати сардорони раёсатҳои андоз, НАК ва НАМ, бо риояи ҳатмии Тартиби мазкур назорати камералӣ гузаронида мешавад.

5. Ҳангоми гузаронидани назорати камералӣ риоя накардани талаботи яке аз бандҳои Фармоиши мазкур ва Тартиби муқарраргардида, барои беэътибор донистани натиҷаи назорати камералӣ асос мегардад ва нисбати сардорони воҳидҳои мақомоти андоз ва кормандони масъули мақомот, ки ба қонунвайронкуниҳо роҳ додаанд, тибқи тартиби муқарраргардида чораҳои интизомӣ андешида мешавад.

6. Дар мақомоти андоз нисбат ба ҳар як маълумотномаи назорати камералӣ дар барномаи компютерии СИА «Назорати камералӣ» парвандаи алоҳида тартиб дода мешавад, ки дар он ҳамаи маводи (ҳуҷҷатҳои) алоқаманд ба назорати камералии гузаронидашуда ва натиҷаи чораҳои андешидашуда нигоҳ дошта мешаванд. Тартиби барасмиятдарорӣ, ҳуҷҷатгузорӣ ва нигоҳдории парвандаҳои назорати камералӣ ва шакли ҳисоботи назорати камералӣ дар асоси фармоиши алоҳида тасдиқ карда мешавад.

7. Раёсатҳои санҷишиандозҳо, такмили қонунгузории андоз ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ташкили андозбандӣ, хизматрасонӣ ба андозсупорандагон, таъмини ҳуқуқ ва мақомоти ҳудудии андоз дар якҷоягӣ бо КВД "Маркази барномасозии маъмурикунонии андоз" барои пешгирии қонунвайронкуниҳои андоз ва беҳтар намудани маъмурикунонии андоз вазифадор карда мешаванд, ки ҷиҳати мунтазам такмил додани барномаи компютерии СИА"Назорати камералӣ" ва тибқи барнома ба роҳ мондани назорати риояи маҳдудият барои гузаронидани назорати камералӣ муқарраршуда чораҷӯӣ намоянд.

8. Раёсати санҷиши андозҳо, Раёсати ташкили андоз дар якҷояги бо КВД "Маркази барномасозии маъмурикунонии андоз" вазифадор карда мешаванд, ки то санаи 01.10.2019 Барномаи СИА "Назорати камералӣ" -ро ба Фармоиши мазкур мутобиқ намуда, минбаъд барои мунтазам такмил додани барнома чораҷӯӣ намоянд.

9. Раёсати санҷиши андозҳо, Раёсати хизматрасонӣ ба андозсупорандагон, Раёсати ташкили андозбандӣ ҷиҳати татбиқи амалии Фармоиши мазкур барои бо мақомоти ҳудудии андоз ва шаҳрвандон - андозсупорандагон гузаронидани корҳои фаҳмондадиҳӣ чораҷӯӣ намояд.

10. Раёсати хизматрасонӣ ба андозсупорандагон Фармоиши мазкурро дар сомонаи Кумитаи андоз ҷойгир намуда, дар рӯзномаи «Боҷу хироҷ» ба табъ расонад.

11. Шуъбаи ташкили гардиши ҳуҷҷатҳо ва коргузорӣ фармоиши мазкурро барои корбарӣ ба раёсатҳои Дастгоҳи марказии Кумитаи андоз ва мақомоти ҳудудии андоз дастрас намояд.

12. Назорати иҷрои Фармоиши мазкур ба зиммаи муовини сарпараст, Раёсати санҷиши андозҳо, Раёсати ташкили андозбандӣ ва сардорони Раёсатҳои андоз дар ВМКБ, вилоятҳои Суғду Хатлон, шаҳри Душанбе, нозиротҳои андозсупорандагони калон ва миёна, нозиротҳои андоз дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ вогузор карда мешавад.

13. Фармоиши Кумитаи андоз аз 10.01.2018, №14 «Оид ба назорати камералӣ» аз эътибор соқит дониста шавад.

**Раис Н. ДАВЛАТЗОДА**

**Замимаи №1**
**ба Фармоиши Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 17 сентябри соли 2019, №434**

## Тартиби гузаронидани назорати камералӣ

### I. Муқаррароти умумӣ

1. Тартиби мазкур бо дарназардошти талаботи моддаҳои 22, 37, 45, 57 ва 89 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон омода гардида, тартиб, талабот ва усулҳои гузаронидани назорати камералӣ дар фаъолияти андозсупорандагонро муайян месозад.

2. Назорати камералӣ дар асоси талаботи моддаи 37 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби мақомоти андоз ба таври доимӣ, бе ягон қарори махсуси (амрномаи) роҳбари мақомоти андоз бо роҳи муқоисаи нишондодҳои эъломияҳои андоз ва (ё) пардохтҳо аз ҷониби андозсупорандагон ба мақомоти андоз пешниҳод гардида, нисбат ба маълумоти дар ихтиёри мақомоти андоз ҷойдошта, аз ҷумла маълумоти аз дигар мақомот дастрасшуда оид ба объектҳои андозбандӣ ва (ё) пардохтҳо гузаронида мешавад. Чунин шакли назорат санҷиши андоз ба ҳисоб намеравад.

3. Назорати камералӣ қисми таркибии низоми идоракунии хавфҳо буда, бо мақсади пешгирии қонунвайронкуниҳои андоз ва (ё) пардохтҳо гузаронида мешавад. Назорати камералӣ ба андозсупорандагон имконият медиҳад, ки то давраи санҷиши ҳуҷҷатии андоз номутобиқатиҳои дар эъломияҳои (ҳисоботи) андоз ва (ё) пардохтҳо ҷойдоштаро бо роҳи пешниҳоди эъломияҳои иловагии андоз ва ҳисобот мустақилона ислоҳ намоянд.

4. Назорати камералӣ танҳо аз ҷониби корманди мақомоти андоз дар биноҳои маъмурии мақомоти андоз аз ҷониби кормандони мақомоти андоз гузаронида мешавад. Гузаронидани назорати камералӣ берун аз бинои маъмурии мақомоти андоз манъ аст.

Зимни гузаронидани назорати камералӣ, даъвати андозсупоранда (ё шахсони масъули андозсупоранда), ба истиснои ихтиёран ба мақомоти андоз ҳозир шудани андозсупоранда манъ аст.

5. Гузаронидани назорати камералии ҳисобот ва эъломияи андоз аз ҷониби дигар мақомотҳо манъ аст ва дар сурати ошкор шудани чунин ҳолатҳо, натиҷаи чунин назорати камералӣ тибқи тартиби муқарраргардида бекор карда мешавад.

6. Назорати камералӣ барои давраи муайяни андоз баъди гузашти мӯҳлати пешниҳоди эъломияи (ҳисоботи) андоз, ки Кодекси андоз муқаррар намудааст, гузаронида мешавад.

### II. Тартиб ва талабот оид ба гузаронидани назорати камералӣ

7.Назорати камералӣ дар фаъолияти андозсупорандагон бо дарназардошти талаботи моддаҳои 37 ва 66 Кодекси андоз, дигар муқаррароти қонунгузории андоз ва риояи ҳатмии талаботи Тартиби мазкур гузаронида мешавад.

Ҳама гуна маблағҳои аз ҷониби мақомоти андоз дар рафти корҳои назоратӣ илова ҳисобшавандаи андозҳо, тибқи муқаррароти зерсархати 1, қисми 2 моддаи 45 Кодекси андоз, бо риояи талаботи Тартиби мазкур, танҳо пас аз пешниҳоди Огоҳинома ба андозсупоранда баррасӣ карда мешавад.

8. Назорати камералӣ бо чунин тартиб гузаронида мешавад:

8.1. Дар ҷараёни назорати камералии эъломияҳо ва ҳисоботи андозсупорандагон, инчунин муқоисаи онҳо бо маълумоти дар мақомоти андоз ҷойдошта, муайян гардидани номутобиқатиҳо ба андозсупоранда барои бартараф намудани номутобиқатиҳои дар ҳисоботи андоз ҷойдошта Огоҳинома (тибқи шакли Замимаи №2) ирсол карда мешавад. Огоҳинома ба андозсупоранда тариқи утоқи шахсии андозсупоранда дар шакли электронӣ ва (ё) хаттӣ ирсол карда мешавад. Огоҳиномаи қоғазӣ ба андозсупоранда метавонад, ки тавассути почта фиристода шавад.

Ҳангоми гузаронидани назорати камералӣ маълумоти зерин дида мешаванд:

- ҳолати баҳисобгирии (қайди андозӣ) объектҳои андозбандӣ ва ба андозбандӣ алоқаманд;

- ҳолати пешниҳоди эъломияҳои (ҳисоботи) андоз;

- дурустии пур кардани реквизитҳои эъломияи (ҳисоботи) андоз;

- риояи тартиби пур кардани сатр ва сутунҳои эъломияҳои (ҳисоботи) андоз, пурра ва мукаммал нишон додани маълумот дар эъломияҳо;

- дурустӣ ва мукаммалии ҳисоби андозҳо, ки андозсупоранда дар эъломияҳои (ҳисоботи) андоз дарҷ намудааст;

- мутобиқатии нишондиҳандаҳои дар эъломияҳои (ҳисоботи) андоз дарҷгардида, нисбат ба замимаҳои эъломияҳо, дигар ҳуҷҷатҳо ё маълумоти дар мақомоти андоз нисбати фаъолияти андозсупоранда ҷойдошта;

- назорати мутобиқатии нишондиҳандаҳои эъломияҳои андози бо ҳамдигар алоқаманд;

- бақайдгирӣ ба сифати супорандаи андоз аз арзиши иловашуда;

- қонунӣ будани истифодаи низомҳои андоз;

- асоснокии истифодаи меъёрҳои андоз;

- алоқамандии нишондиҳандаҳои тавозуни муҳосибӣ ба мақомоти андоз пешниҳодгардида бо эъломияҳои андоз;

- муқоисаи нишондиҳандаҳои эъломияҳои (ҳисоботи) андоз бо нишондиҳандаҳои давраҳои ҳисоботии гузашта ва нишондиҳандаҳои андозсупорандагони шабеҳи фаъолият;

- мутобиқатии даромади умумии дар эъломияҳои андоз аз фоида, андоз аз арзиши иловашуда, андози низоми содакардашуда нисбат ба маълумоти дар анбори электронӣ дар махзани барномаи компютерии Системаи муттаҳидаи идоракунии иттилоотии андоз (СМИИА) ҷойдошта вобаста ба таҳвили молҳо;

- асоснокии маълумот оид ба таҳвили молҳои дар ҳисобнома – фактураи андоз аз арзиши иловашуда дарҷгардида ва муқисаи онҳо бо маълумоти барномаи анбори электронӣ;

- ба ҳисоб нагирифтани амалиёт аз рӯи ҳисобнома – фактураҳои андоз аз арзиши иловашуда ва маблағи андози он, бино бар бо андозсупорандаи бемасъулият анҷом додани амалиёт;

- асоснокии баҳисобгирии андоз аз арзиши иловашуда дар доираи амалиётҳои андозбандишаванда, аз ҷумла баҳисобгирии андоз аз арзиши иловашуда вобаста ба воридоти молҳо;

- мутобиқатии маълумоти оморӣ ва омори гумрукӣ, андозсупорандагони ҳамшабеҳи фаъолият, аз ҷумла вобаста ба нархи бозорӣ нисбат ба маълумоти дар эъломияҳои андоз дарҷшуда дар давраҳои муайяни андоз;

- тибқи талаботи Кодекси андоз баҳодиҳии моҳияти иқтисодӣ доштан ва ё надоштани амалиёти анҷомдодашуда бо мақсадҳои андоз аз арзиши иловашуда;

- баррасии асоснокии истифодаи имтиёзҳои (тарҳҳои) андозӣ, эътимоднокии таркиби хароҷот ва дигар тарҳҳои андозӣ;

- баҳодиҳии нишондиҳандаҳои ҳисоботи муҳосибӣ бо эъломияҳои андозаз нуқтаи назари мутобиқати маълумоти дар мақомоти андоз мавҷудбуда ва маълумот оид ба фаъолияти молиявӣ – хоҷагидории андозсупоранда, ки аз дигар манбаъҳо дастрас шудааст;

- дигар ҳолатҳои (маълумоти) барои иҷрои пурра ва саривақтии уҳдадориҳои ба андоз алоқаманд.

Назорати камералӣ бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории андоз метавонад нисбати дигар ҳуҷҷатҳои ба андозбандӣ (ё объектҳои андозбандӣ) алоқаманди андозсупоранда гузаронида шавад, ки пешниҳоди он тибқи талаботи қонунгузорӣ барои андозсупоранда ҳатмӣ мебошад.

Ҳангоми гузаронидани назорати камералӣ ҳолатҳои қайдгардида бо риояи пайдарҳамӣ аз ҷониби корманди мақомоти андоз баррасӣ мешавад.

Агар дар натиҷаи муқоисаи эъломияҳои андози пешниҳоднамудаи андозсупоранда ва маълумоти аз дигар манбаъҳо дастрасгардида ҷой доштани ҳолатҳои эҳтимолии қонунвайронкуниҳои андоз ошкор гардад, аз ҷониби мақомоти андоз тибқи тартиби муқарраргардида ба андозсупоранда Огоҳинома оиди дар муҳлати 10 рӯз бо роҳи пешниҳоди эъломияҳои иловагии андоз мустақилона бартараф намудани номутобиқатиҳои ҷойдошта ва ё пешниҳоди тавзеҳоти асосноки хаттӣ ирсол карда мешавад.

Андозсупоранда бояд дар ин муҳлат (давоми 10 рӯз пас аз гирифтани Огоҳинома) ба мақомоти андоз мустақилона эъломияи иловагии андозро пешниҳод намуда, камбудиҳои ҷойдоштаро бартараф ё ин ки тавзеҳоти хаттӣ бо дарҷи асоснокӣ, бо истинод ба бандҳо, қисмҳо ва моддаҳои дахлдори Кодекси андоз ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи андоз пешниҳод намояд.

8.2. Агар аз ҷониби андозсупоранда баъд аз 10 рӯзи қабули Огоҳинома ба эъломияҳои андоз тағйироти дахлдор ворид нашавад ва (ё) тавзеҳоти асоснок пешниҳод нагардад, мақомоти андоз тибқи талаботи моддаи 57 Кодекси андоз аз андозсупоранда маълумоти иловагӣ, аз ҷумла нусхаҳои ҳуҷҷатҳои ибтидоии муҳосибии алоқаманд ба мавзӯи назорати камералӣ ва дар сурати ҷой доштани зарурат аз шахсони сеюм -контрагентҳои андозсупоранда ва дигар шахсони алоқаманд дигар маълумоти иловагиро вобаста ба мавзӯи назорати камералӣ талаб менамояд.

Баъд аз баррасии маълумот ва ҳуҷҷатҳои илова пешниҳоднамудаи андозсупоранда, инчунин мувофиқи дигар маълумоти дастрасгардида, агар ҳолатҳои эҳтимолии қонунвайронкуниҳои андоз тасдиқи пешакии худро ёбанд, **Маълумотномаи назорати камералӣ (тибқи шакли Замимаи №3)** тартиб дода мешавад.

Маълумотномаи назорати камералӣ тариқи электронӣ ва ё хаттӣ (аз ҷумла тавассути почта) ба андозсупоранда дастрас карда мешавад. Дар маълумотномаи назорати камералӣ гирифтани дастхати андозсупоранда ҳатмӣ намебошад.

8.3. Дар сурати аз ҷониби андозсупоранда пас аз 10 рӯзи дастрас шудани Маълумотномаи назорати камералӣ бо роҳи пешниҳоди эъломияҳои иловагии андоз номутобиқатиҳои дар эъломияҳои андоз ҷойдошта мустақилона бартараф карда нашавад, аз натиҷаи назорати камералӣ чунин қарор қабул карда мешавад:

- тавзеҳоти хатӣ ва асосноки андозсупоранда тибқи талаботи қонунгузории андоз баррасӣ гардида пурра ё қисман ба инобат гирифта мешавад;

- аз натиҷаи назорати камералӣ тибқи талаботи моддаи 36 Кодекси андоз (аз рӯи маблағи пурраи Огоҳинома ва ё бо дарназардошти қисман ба инобат гирифтани тавзеҳоти асосноки андозсупоранда) **Санад (бо риояи шакли Замимаи №3)** тартиб дода шуда, аз натиҷааш қарор қабул карда мешавад ва барои таъмини иҷро ба андозсупоранда тариқи электронӣ ва ё хаттӣ ирсол мегардад;

- мақомоти андоз ҳуқуқ дорад тибқи дархости андозсупоранда ё мутобиқ ба талаботи моддаҳои 28 ва 29 Кодекси андоз дар фаъолияти андозсупоранда санҷиши ҳуҷҷатии маҷмӯӣ, санҷиши такрорӣ ё мавзӯӣ таъин намояд;

9. Нусхаи маводҳои назорати камералӣ ба андозсупоранда (ё намояндаи ваколатдори ӯ) дода шуда, дар нусхаи дуюми он имзои андозсупоранда гирифта мешавад. Худдорӣ ва ё ин ки даст кашидани андозсупоранда (ё намояндаи ваколатдори ӯ) аз гузоштани дастхат, маънои қабул нагардидани онҳоро надошта, новобаста аз он, бо риояи тартиби муқарраргардида маводи назорати камералӣ аз ҷониби мақомоти андоз баррасӣ мешавад. Маводи назорати камералӣ метавонад тариқи почта бо мактуби фармоишӣ ба суроғаи ҳуқуқии (ё ҷои истиқомати) андозсупоранда ё почтаи электронии андозсупоранда (тавассути утоқи шахсии андозсупоранда) ирсол шавад.

10. Корманди мақомоти андоз, ки назорати камералиро мегузаронад, дар навбати худ вазифадор аст тавзеҳот ва ҳуҷҷатҳои пешниҳоднамудаи андозсупорандаро таҳлил ва баррасӣ намуда, дар сурати асоснок будани тавзеҳот ва ҳуҷҷатҳои пешниҳодгардида тибқи тартиби муқарраргардида онҳоро ба инобат гирад.

11. Натиҷаи баррасии тавзеҳоти андозсупоранда бо қабули Хулосаи мувофиқашуда, **тибқи шакли Замимаи №4** ба Фармоиши мазкур ба расмият дароварда шуда, ба инобат гирифтан, қисман ба инобат гирифан ва ё ба инобат нагирифтани тавзеҳот бо моддаҳои дахлдори Кодекси андоз (қонунгузории андоз) асоснок карда мешавад, аз ҷумла:

- агар маблағи аз натиҷаи назорати камералӣ эҳтимолан ҳисобшудаи андозҳо зиёда аз 300,0 ҳазор сомониро ташкил намояд, асоснокии тавзеҳоти андозсупоранда бо пешниҳоди Хулосаи сардорони Раёсатҳои дахлдори Дастгоҳи марказӣ дар якҷоягӣ бо мақомоти ҳудудии андоз, ки назорати камералиро гузаронидааст, дар мувофиқа бо муовини сарпарасти самти фаъолият тибқи тартиби муқарраргардида ба Раиси Кумитаи андоз пешниҳод карда мешавад;

- танҳо пас аз тартиб додани Хулоса ва мувофиқа гардидани он, қайдҳои дахлдор оид ба натиҷаи баррасии тавзеҳоти андозсупоранда ба барномаи СИА “Назорати камералӣ”ворид карда мешавад;

- аз натиҷаи баррасии тавзеҳот, андозсупоранда дар муҳлати то 5 –рӯзи корӣ бо ирсоли мактуби ҷавобӣ огоҳ карда мешавад.

12. Ворид накардани Огоҳинома, Маълумотнома, Санади назорати камералӣ ва дигар маводи алоқаманд ба назорати камералӣ, ки ворид намуданашон ба барномаи компютерии СИА «Назорати камералӣ» ҳатмист, барои бекор намудани натиҷаҳои назорати камералӣ асос гардида, нисбати корманди масъули мақомоти андоз, ки ба чунин қонунвайронкунӣ роҳ додааст, чораҳои қатъии интизомӣ андешида мешавад.

13. Огоҳиномаҳо ва қарорҳо аз натиҷаҳои назорати камералӣ, ки асоснокии онҳо дар рафти гузаронидани санҷишҳои ҳуҷҷатии андоз баррасӣ мешаванд, пеш аз қабули қарор аз натиҷаи санҷиши ҳуҷҷатии андоз бо Кумитаи андоз мувофиқа карда мешаванд.

## III. Маҳдудияти назорати камералӣ

14. Ҷиҳати пешгирӣ намудани эҳтимолияти қабули огоҳинома ва қарорҳои беасос аз натиҷаи назорати камералӣ, пешгирии такрорёбии назорати камералӣ ва канорагирӣ намудан аз ба миён омадани ҳолатҳои баҳснок бо андозсупорандагон маҳдудияти зерин муқаррар карда мешавад:

1) Нисбати як шахс (субъект) дар 6 моҳи пай дар пай на зиёда аз як маротиба назорати камералии ҳисоботи (эъломияҳои) андози ба мақомоти андоз пешниҳодгардида, ки қаблан таҳти назорати камералӣ қарор дода нашудааст, гузаронида мешавад.

2) Назорати камералии ҳисоботи (эъломияҳои) андози хоҷагиҳои деҳқонии бе таъсиси шахси ҳуқуқӣ, ки қаблан таҳти назорати камералӣ қарор дода нашудааст, дар як сол як маротиба таҳти назоратӣ камералӣ қарор дода мешаванд.

3) Кормандони мақомоти андоз ҳуқуқи такроран амалӣ намудани назорати камералии эъломияҳои як намуди андоз ва барои ҳамон як давраи андозро (ҳисоботиро) надоранд. Дар сурати ҷой доштани далелҳои асосноки қонунвайронкуниҳои андоз вобаста ба ин давраҳои андозӣ, пас аз пешниҳоди гузориши дахлдори сардори мақомоти ҳудудии андоз, бо иҷозати Раиси Кумитаи андоз назорати камералӣ гузаронида мешавад.

4) Назорати камералӣ дар фаъолияти андозсупорандагоне, ки:

- дар доираи маблағҳои грантӣ (кредитӣ) фаъолият менамоянд;

- дар фаъолияти корхонаҳои калони саноатии истеҳсолӣ ва воҳидҳои алоҳидаи онҳо, ки аз ҳисоби сармоягузориҳои хориҷӣ ва ватанӣ таъсис ёфтаанд ва (ё) дар доираи Созишномаҳои сармоягузории маъқулдонистаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият менамоянд;

- дар фаъолияти бонкҳо, ширкатҳои қарзӣ ва ташкилотҳои амонатии қарзии хурд, инчунин, дар воҳидҳои алоҳидаи онҳо дар мувофиқа бо Раиси Кумитаи андоз гузаронида мешавад.

5) Назорати камералии эъломияҳои воҳидҳои алоҳидаи андозсупорандагони дар қайди нозиротҳои андозсупорандагони калон ва миёнабуда, ки дар дигар нозиротҳои андози шаҳру ноҳияҳо дар баҳисобгирӣ гузошта шудаанд, дар мувофиқа бо Раиси Кумитаи андоз гузаронида мешавад.

6) Огоҳинома ва маълумотномаи натиҷаи назорати камералии эъломияҳои андозсупорандагон, ки эҳтимолияти аз 300,0 ҳазор сомонӣ зиёд ошкор шудани андозҳоро доранд, дар мувофиқа бо Кумитаи андоз қабул карда мешаванд.

## IV. Ҷавобгарӣ

15. Тибқи тартиби муқаррарнамудаи моддаҳои 18 ва 81 Кодекси андоз андозсупоранда аз рӯи натиҷаи назорати камералӣ ҳуқуқи шикоят намуданро ба мақомоти болоии андоз ва ё суд дорад.

16. То лаҳзаи аз ҷониби Кумитаи андоз ё мақомоти судӣ баррасӣ гардидани шикояти андозсупоранда ва қабул гардидани қарори дахлдор, мақомоти ҳудудии андоз ҳуқуқи татбиқ намудани чораҳои маҷбуран ситонидани қарзи андозҳоро нисбат ба натиҷаи назорати камералӣ надоранд.

17. Барои риоя накардани талаботи Кодекси андоз ва Тартиби мазкур ё ба таври дахлдор иҷро накардани уҳдадориҳои мансабӣ ва халалдор сохтани фаъолияти андозсупорандагон, баромадан аз доираи ваколатҳои мансабӣ ҳангоми гузаронидани назорати камералӣ ва дигар амалҳои ғайриқонунӣ, тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон шахсони масъули мақомот ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.

**Замимаи №2**
**ба Фармоиши Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**аз 17 сентябри соли 2019, №434**

Ба ___________________________________
*(номи андозсупоранда, РМА, суроғаи ҳуқуқӣ)*

## ОГОҲИНОМА

Дар асоси таҳлил ва муқоисаи маълумоти барномаҳои СМИИА, инчунин маълумоти аз дигар сарчашмаҳо дастрасгардида (агар ҷой дошта бошад), дар фаъолияти _________________________
______________________________________________________барои давраи аз
*(номи пурраи андозсупоранда)*
«____» ___________ соли 20___ то «____» ___________ соли 20___ то таҳлил ва назорати мутобиқатии нишондиҳандаҳои эъломия ва ҳисоботи андоз ба мақомоти андоз пешниҳодшуда гузаронидашуда, муайян гардид, ки Ҷамъият талаботи муқаррарнамудаи мо ддаҳои_________________________________________________________________________
*(банд ва қисмҳои дахлдори моддаҳо қайд карда мешавад)*
Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистонро риоя накардааст, ки дар натиҷа, боиси пайдо гардидани номутобиқатӣ дар эъломияҳои (ҳисоботи) андозӣ ва мутаносибан ҷой доштани хавфи қонунвайронкуниҳои андоз гардидааст.

Натиҷаи коркарди маълумот муайян намуд, ки аз ҷониби шумо ҳангоми таҳия ва пешниҳоди эъломияҳои андоз аз___________________________________ ба инобат гирифта нашудааст,
*(номгӯйи эъломия ва ҳисоботи андоз, ки номутобиқатӣ ҷой дорад)*
*(вобаста ба ҳолати ошкоршуда маълумот мухтасар қайд шуда, бо дарҷи муқаррароти банд, қисм ва моддаи дахлдори Кодекси андоз асоснок карда мешавад),* ки ҳолати мазкур боиси ба миён омадани номутобиқатиҳо ва эҳтимолияти кам ҳисоб шудани андозҳо ба маблағи _____________ сомонӣ, аз он ҷумла ________________________________________
_____________________________________________________________гардидааст.
*(номгӯи андозҳо ва маблағи эҳтимолӣ ошкоргардида дар алоҳидагӣ қайд карда мешаванд)*

Бинобар ин, мутобиқ ба талаботи моддаҳои 22, 37, 57 ва 89 Кодекси андоз аз шумо талаб карда мешавад, ки дар муҳлати 10 рӯз вобаста ба маблағи эҳтимолан ҳисобшудаи андозҳо, тавзеҳоти дахлдор бо замимаи ҳуҷҷатҳои асосноксозанда пешниҳод намоед ва (ё) барои мустақилона бартараф намудани номутобиқатиҳои дар эъломияҳои андоз ҷойдошта, бо роҳи пешниҳоди эъломияҳои иловагии андоз маблағи илова ҳисобшудаи андозҳоро ба буҷет пардохт намоед.

Дар акси ҳол, Кумитаи (Раёсат, Нозироти) андоз дар________________________________
*(вилоят, шаҳр, ноҳия)*
бо дастрасии моддаҳои 37 ва 89 Кодекси андоз аз натиҷаи Огоҳиномаи мазкур, тибқи тартиби муқарраргардида корҳои назоратӣ анҷом дода, маблағи эҳтимолии барилова ҳисобшавандаи андозҳо дар ҳисобварақаи Ҷамъият ҳамчун уҳдадории андозӣ дарҷ карда мешавад.

**Сардори нозирот** ______________ (имзо, муҳр) ______________________________________ (ному насаб)

**Замимаи №3**

**ба Фармоиши Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 17 сентябри соли 2019, №434**

Кумитаи андози назди Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон
*(Раёсати / Нозироти андоз дар...)*

## Маълумотномаи назорати камералӣ

Аз натиҷаи назорати камералӣ нисбати ______________________________
*(номи пурраи андозсупоранда, РЯМ/РМА)*

барои давраи ______________________________
*(давраи зери назорати камералӣ қарор додашаванда)*

______________________________
*(ҷои тартиб додани маълумотнома-мақомоти андоз)(сана)*

Аз ҷониби ман, ______________________________
______________________________
*(ному насаб, мансаб, Раёсати Кумитаи андоз (Раёсати / Нозироти андоз дар шаҳри (ноҳияи))*

Мутобиқ ба муқаррароти банди 4 қисми 3 моддаи 22 ва моддаи 37 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ва талаботи Стандартҳои ягонаи хизматрасонӣ ба андозсупорандагон, ки бо Фармоиши Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 12 июли соли 2017, №316 тасдиқ карда шудааст, дар фаъолияти ______________________________
______________________________
*(номи пурраи андозсупоранда, РЯМ / РМА)*

(минбаъд номи кутоҳкардашуда қайд мешавад) назорати камералӣ бевосита дар асоси омӯзиш, таҳлилу муқоисаи ҳисоботи (эъломияҳои) андоз ва дигар маълумоти ба мақомоти андоз пешниҳоднамудаи шумо, инчунин, маълумоти мутобиқ ба қисми 4 моддаи 65 Кодекси андоз ба мақомоти андоз дастрасшуда гузаронида шуд.

### 1. Қисми умумӣ

1.Маҳалли фаъолияти андозсупоранда: ______________________________

1.1. Аз натиҷаи назорати камералӣ тибқи талаботи қисми 3 моддаи 37 Кодекси андоз қаблан ба шумо Огоҳинома аз «___» __________соли 20__ бо талаби дар мӯҳлати 10 рӯз бо роҳи пешниҳоди эъломияи иловагии андоз мустақилона бартараф намудани камбудиҳои ҷойдошта ва ё пешниҳод намудани тавзеҳот ва ҳуҷҷатҳои тасдиқкунанда ирсол карда шудааст.

**Эъзоҳ:** *Дар ин қисмат нисбати пешниҳод шудан ва ё нашудани тавзеҳот, асоснокии тавзеҳот ва ҳуҷҷатҳои иловагии оид ба натиҷаи назорати камералӣ аз ҷониби андозсупоранда пешниҳодшуда, маълумот қайд мешавад.*

1.2. Дар давраи зери назорати камералӣ қарордошта, _________________ бо андозсупорандагони бемасъулият (қисми 51 моддаи 17 Кодекси андоз), иҷрои кор, хизматрасонӣ, харид ва ё тахвили мол ба анҷом нарасонидааст.

**Эзоҳ:** *Агар бо ин гурӯҳ андозсупорандагон муомилоти молию пулӣ дошта бошад, мутобиқ ба талаботи Кодекси андоз чораҷӯӣ намуда, маълумот дарҷ карда мешавад.*

### 2. Назорати камералӣ муайян кард:

______________________________
______________________________

(**Эзоҳ.** *Дар ин қисмат ҳангоми ошкор гардидани қонунвайронкуниҳои андоз бо истинод ба бандҳои (қисмҳои) моддаҳои дахлдори Кодекси андоз ё дигар муқаррароти қонунгузории андоз ҳар як ҳолати эҳтимолии ҷой доштани қонунвайронкуниҳои андоз дар алоҳидагӣ асоснок карда мешаванд.*

*Ҳамзамон, нусхаи ҳуҷҷати асосноксозандаи қонунвайронкуниҳои андоз ба маълумотнома замима мешавад)*

### 3. Пешниҳод

3.1. Назорати камералии риояи қонунгузории андоз дар фаъолияти _________________
______________________________ эҳтимолияти ба маблағи
*(номи пурраи андозсупоранда, РЯМ / РМА)*

______________________ сомонӣ кам ҳисоб намудани андозҳоро муайян намуд.

**Эзоҳ:** *Номгӯй андозҳо ва маблағи аз натиҷаи назорати камералӣ ошкоргардида дар алоҳидагӣ нишон дода мешавад.*

3.2. Ҳангоми аз ҷониби шумо пешниҳод нагардидани тавзеҳоти асоснок ва ё бо роҳи пешниҳоди эъломияҳои иловагии андоз мустақилона бартараф накардани номутобиқатиҳои дар ҳисоботи андоз ҷойдошта, дар фаъолияти шумо тибқи талаботи моддаи 36 Кодекси андоз аз натиҷаи назорати камералӣ қарори дахлдор қабул карда мешавад ё ин ки мутобиқ ба талаботи моддаҳои 28 - 29 Кодекси андоз санҷиши маҷмӯии ҳуҷҷатии андоз ё санҷиши ҳуҷҷатии мавзӯии андоз таъин карда мешавад.

3.3. Дар ҳамин хусус маълумотномаи назорати камералӣ дар ду (2) нусха тартиб дода шуд.

**Корманди мақомоти андоз:**

| ______________________ | __________ | ______________________ |
|---|---|---|
| *(вазифа)* | *(имзо)* | *(ному насаб)* |

**Замимаи №4**

**ба Фармоиши Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 17 сентябри соли 2019, №434**

______________________________
*(номгӯи воҳиди сохтории Кумитаи андоз – Раёсати Дастгоҳи марказии Кумитаи андоз, Раёсати андоз дар шаҳри Душанбе, вилоятҳо, нозиротҳои андоз дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ)*

### Хулоса

аз натиҷаи баррасии тавзеҳоти ______________________ аз «___» __________ 20__, №___
*(номи кутоҳи андозсупоранда)*

______________________________
*(Раёсатҳои Дастгоҳи марказии Кумита ва ё мақомоти ҳудудии андоз, ки назорати камералиро гузаронидааст)*

мутобиқ ба талаботи моддаи 37 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ва банди 11 Фармоиши Кумитаи андоз аз «___» сентябри соли 2019, тавзеҳоти ______________________________
______________________________- ро аз «___» _________ 20__, № ___
*(номи пурраи андозсупоранда, РМА, РЯМ)*

ба Огоҳиномаи №___, аз «___» _________ 20__, № ___, ки аз ҷониби ___________________
______________________________ оид ба ҷой доштани
*(номи воҳиди сохтории мақомоти андоз, ки Огоҳиномаро қабул намудааст)*

номутобиқатиҳо дар эъломияҳои (ҳисоботи) андозҳо эҳтимолияти илова ҳисоб шудани андозҳоро ба маблағи _________ сомонӣ (аз ҷумла, ______________________________
______________________________) муайян намудааст, мавриди баррасӣ
*(номгӯи андозҳо, маблағҳои эҳтимоии ҳисобшуда)*

қарор дода, чунин хулосагузорӣ намуд: ______________________________
______________________________
______________________________
______________________________

**Эзоҳ:** *Тавзеҳоти пешниҳоднамудаи андозсупоранда аз рӯи ҳар як намуди андоз баррасӣ шуда, ҳолати ба инобат гирифтан, қисман ба инобат гирифтан ва ё умуман ба инобат нагирифтани тавзеҳот бо моддаҳои дахлдори Кодекси андоз (қонунгузории андоз) асоснок карда мешавад. Агар аз ҷониби андозсупоранда Огоҳинома қисман иҷро гардида бошад, дар ин хусус қайдҳои дахлдор дарҷ мешавад.*

Бо дарназардошти ҳолатҳои қайдгардида, ______________________________
______________________________
______________________________
*(раёсати дастгоҳи марказии Кумита, Раёсатҳои андоз дар ш.Душанбе, вилоятҳои Суғду Хатлон, ВМКБ, НАК, НАМ, ки тавзеҳотро баррасӣ намудааст)*

аз маблағи умумии ___________ сомонӣ тавзеҳоти андозсупоранда - ________________________
*(номи кутоҳкардашудаи андозсупоранда)*

ба маблағи _____________ сомонӣ ба инобат гирифта шуд (қисман ба инобат гирифта шуд ва ё умуман ба инобат гирифта нашуд).

**Хулоса омода карда шуд:**

Сардори нозирот *(Шуъбаи Раёсат)* ____________ ___________

Сардори шуъба *(гурӯҳ)* ____________ ___________

Мутахассис *(ки назорати камералиро гузаронидааст)* ____________ ___________

**Мувофиқа карда шуд:**

Сардори Раёсати *(Сардорони Раёсатҳои Дастгоҳи марказӣ)*

______________________________
*(дастгоҳи марказии Кумита, раёсатҳои андози вилоятҳои Суғду Хатлон, ВМКБ, НАК ва НАМ)*

_______________ _______________
_______________ _______________
_______________ _______________

# Бурду бохти НАК

**Нозироти андозсупорандагони калон (дастгоҳи марказӣ, шуъбаҳои он дар вилоятҳои Суғду Хатлон ва шаҳри Душанбе) дар 9 моҳи соли 2019 нақшаи андозҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмиро ба андозаи 88,5% таъмин карда, ба ҷойи 4070,0 млн. сомонии пешбинишуда (бо дарназардошти андози иҷтимоии ғайрибуҷетӣ) ба буҷет 3600,4 млн. сомонӣ ворид намуд. Ин нишондиҳанда нисбат ба нақшаи пешбинишуда 469,6 млн. сомонӣ кам ва нисбат ба маблағҳои дар ҳамин давраи соли 2018 воқеан ҷамъоваригардида, ба маблағи 68,7 млн. сомонӣ (1,9%) зиёд мебошад.**

- Нозироти андозсупорандагони калон дар нуҳ моҳи сипаришуда нақшаи андози иҷтимоии ғайрибуҷетиро аз ҳисоби андозсупорандагони дар қайди НАК-буда ба андозаи 95,0% иҷро кард, - гуфт сардори Нозироти андозсупорандагони калон Баҳром Зубайдуллозода. - Ба ҷойи 447,9 млн. сомонии пешбинишуда ба суратҳисобҳои дахлдори Агентии давлатии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа 425,5 млн. сомонӣ пардохт карда шуд, ки нисбат ба нишондиҳандаҳои нақшавӣ 22,4 млн. сомонӣ кам мебошад.



Мавсуф қайд кард, ки дар давраи ҳисоботӣ воридоти андозҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмии давлатӣ нисбат ба нақша ва қисми даромади умумии буҷети давлатӣ кам шудааст. Тибқи маълумоти пешакӣ дар 9 моҳи соли 2019 вазни қиёсии воридоти андозҳои НАК нисбат ба даромадҳои буҷети давлатӣ (бо дарназардошти андози иҷтимоии ғайрибуҷетӣ) 45,4 фоизро, ё худ 3642,7 млн. сомонӣ (ё худ -0,09%)-ро ташкил намуд, ки танҳо ба маблағи 66,8 млн. сомонӣ зиёд мебошад. Тавре аз натиҷаи таҳлилҳои фаъолияти андозсупорандагон бармеояд, дар сурати дуруст роҳандозӣ гардидани корҳои таҳлилию назоратӣ ва фаҳмондадиҳӣ имконияти воқеии зиёд намудани воридоти андозҳо вуҷуд дошт.

Тибқи иттилои дастрасшуда, Нозироти андозсупорандагони калон дар 9 моҳи соли 2019 нақшаи ҷамъоварии андозҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмии давлатиро (бо дарназардошти андози иҷтимоӣ) аз ҳисоби вилояти Хатлон 100,8%, шаҳри Душанбе – 104,0% таъмин намуд. Аммо иҷрои нақшаи тасдиқшуда аз ҳисоби андозсупорандагони калони вилояти Суғд 90,4%, шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ 88,2% ва нақшаи буҷети ҷумҳуриявӣ ба андозаи 68,4% таъмин гардидаасту халос.

Б. Зубайдуллозода дар идомаи суҳбат изҳор намуд, ки нақшаи воридоти андозҳо ба буҷети ҷумҳуриявӣ дар 9 моҳи соли 2019 дар қисмате, ки ҷамъоварии он ба зиммаи Нозироти андозсупорандагони калон вогузор шудааст (бе дарназардошти андози иҷтимоии КВД "Ширкати алюминийи тоҷик"), дар ҳаҷми 67,9% таъмин гардида, ба ҷойи 1245,0 млн. сомонии пешбинишуда, ба буҷети ҷумҳуриявӣ 845,5 млн. сомонӣ ворид шуд. Яъне ин нишондод нисбат ба нақшаи пешбинишуда 399,5 млн. сомонӣ кам ва нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 43,4 млн. сомонӣ (ё худ 5,4%) зиёд мебошад.

Бояд гуфт, ки дар ин давра аз ҳисоби 5 корхонаи калон ва ширкатҳои мобилӣ иҷрои шаш намуди андоз: андоз аз арзиши иловашуда, андоз аз истифодабарандагони роҳҳои автомобилгард, андоз аз фурӯши алюминийи аввалия, андози роялти барои об, андози аксизӣ ва бонуси обунавӣ таъмин нашудааст, ки дар натиҷа, ба буҷети кишвар зиёда аз 457,3 млн. сомонӣ ворид нагардидааст. Масалан, аз ҷониби КВД «Ширкати алюминийи тоҷик» нақшаи тасдиқшудаи пардохти андозҳо ба буҷети ҷумҳуриявӣ дар 9 моҳи соли ҷорӣ ҳамагӣ ба андозаи 36,0 фоиз таъмин шудааст. Яъне ба буҷет ба ҷойи 64,1 млн. сомонӣ нақшаи пешбинишуда 23,1 млн. сомонӣ ворид шудааст, ки нисбат ба нақша 41,0 млн. сомонӣ ва нисбат ба ҳамин давраи соли 2018 ба андозаи 1,9 млн. сомонӣ кам мебошад.

Иҷрои нақшаи андозҳо аз ҳисоби ШСХК "Барқи тоҷик" ба андозаи 89,0% таъмин гардида, ба ҷойи 352,6 млн. сомонӣ ба буҷети ҷумҳуриявӣ 313,9 млн. сомонӣ ворид шудааст. Яке аз сабабҳои таъмин нагардидани иҷрои нақшаи пешбинишуда дар ин ширкат, тибқи хулосаи Шӯрои нозирони "Барқи тоҷик" дар доираи то 34,0 млн. сомонӣ ҷудо гардидани маблағҳо барои пардохти андозҳои ҳисобшаванда ба шумор меравад.

Дигар корхонаи калоне, ки аз уҳдаи иҷрои нақшаи андозҳо дар 9 моҳи соли равон набаромадааст, корхонаи воҳиди давлатии «Роҳи оҳани Тоҷикистон» мебошад. Аз ҷониби ширкати номбурда дар ин давра нақша ба андозаи 69,5 фоиз таъмин гаштаасту халос. Бо ибораи дигар, ба ҷойи 21,6 млн. сомонии пешбинишуда ба буҷет 15,0 млн. сомонӣ пардохт шудааст, ки нисбат ба нақшаи пешбинишуда 6,6 млн. сомонӣ ва нисбат ба маблағҳои воқеан пардохташуда дар ҳамин давраи соли 2018 ба андозаи 1,2 млн. сомонӣ кам мебошад. Ҳарчанд ки даромади умумии корхона дар 9 моҳи соли 2019 нисбат ба ҳамин давраи соли 2018 ба маблағи 33,2 млн. сомонӣ зиёд гардидааст, аммо иҷроиш қонеъкунанда нест.

Иҷрои нақшаи андозҳо аз ҳисоби ҶСШК «Тоҷиктелеком» дар 9 моҳи соли равон фақат 61,6% таъмин гардидааст. Ба ҷойи 32,1 млн. сомонии пешбинишуда ба буҷети ҷумҳуриявӣ 19,7 млн. сомонӣ маблағи андозҳо ворид шудааст, ки нисбат ба нақша 12,3 млн. сомонӣ кам мебошад.

Дар ин байн танҳо Бонки давлатии амонатгузории «Амонатбонк» тавонистааст фаъолияташро самаранок ба роҳ монад. Бонк дар ин давра нақшаи тасдиқшудаи пардохти андозҳоро ба буҷети ҷумҳуриявӣ ба андозаи 160,0% таъмин намудааст. Яъне аз ҷониби бонк ба ҷойи 11,1 млн. сомонии пешбинишуда ба буҷет 17,7 млн. сомонӣ пардохт гардидааст, ки нисбат ба нақша 6,6 млн. сомонӣ зиёд ва нисбат ба маблағҳои воқеан пардохташудаи андозҳои ҳамин давраи соли 2018 ба андозаи 8,2 млн. сомонӣ зиёд мебошад.

-Нақшаи тасдиқшудаи пардохти андозҳо дар ин давра аз ҳисоби ширкатҳои мобилӣ ба буҷети ҷумҳуриявӣ ҳамагӣ ба андозаи 52,7% таъмин гардидааст, ки дар натиҷа, ба ҷойи 619,6 млн. сомонии пешбинишуда ба буҷет 326,6 млн. сомонӣ пардохт шудааст. Ин нишондиҳанда нисбат ба нақша 293,0 млн. сомонӣ ва нисбат ба маблағҳои воқеан пардохтшудаи андозҳои дар ҳамин давраи соли 2018-ум 5,9 млн. сомонӣ кам мебошад, - афзуд Б. Зубайдуллозода.

**Тоҷинисои ЗАЙНИДДИН**



## Роҳҳои такмили қонунгузории андози миллӣ

**22 октябри соли 2019 дар Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон дар мавзӯи "Сода намудани низоми андозбандӣ, оммафаҳм гардонидани санадҳои меъёрии ҳуқуқии марбут ба андоз ва мусоидати он ба рушди минбаъдаи иқтисоди миллӣ" мизи мудаввар баргузор шуд, ки дар он намояндаҳо-мутахассисони Палатаи савдо ва саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон, БДА "Амонатбонк" ва устодони донишгоҳ иштирок доштанд.**

Нахуст директори Пажуҳишгоҳи илмӣ – тадқиқотии "Молия"-и ДДМИТ Хуршед Ҷумабоев дар бораи Кодексҳои андози пешина, меъёрҳои андозҳо ва имтиёзҳои пешбинишуда суханронӣ намуд. Мавсуф аз ҷумла аз дастуру супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки дар мулоқот бо кормандони молия, гумрук, андоз, сармоягузорӣ ва бонкдорӣ 10 майи соли 2019 баён гардиданд, ёдовар шуда гуфт, ҳоло ҷиҳати иҷрои Кодекси андоз дар таҳрири нав дар назди Вазорати молия Гурӯҳи кории байниидоравӣ таъсис ёфтааст.

Бо ин мақсад андешаҳои шаҳрвандон, андозсупорандагон, субъектҳои соҳибкорӣ, ташкилоту муассисаҳо оид ба камбудӣ ва норасоиҳои дар Кодекси андози амалкунанда ҷойдошта ва дар таҳрири нави Кодекси андоз бартараф намудани онҳо таклифу пешниҳодҳо ирсол шуда истодаанд. Ёдрас шуд, ки ҷамъоварии пешниҳодот ба лоиҳаи Кодекси андоз дар сомонаи расмии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути равзанаи алоҳидаи "Пешниҳод ба Кодекси андоз-2020" амалӣ карда мешавад.

Ин амал имконият медиҳад, ки пешниҳодҳои шаҳрвандон доир ба содагардонии низоми маъмурии андозбандӣ ва кам кардани шумора ва ҳаҷми андозҳои мавҷуда ва ба ин восита, афзун намудани шумораи андозсупорандагон, дар маҷмӯъ, мавриди дастгирӣ қарор гирифта, роҳҳо ва манбаъҳои ҷуброн кардани коҳиши даромад ба буҷети давлатӣ дарёфт карда шаванд.

**Неъматулло ЗОИРЗОДА**

# Камбудиҳоро ислоҳ мебояд

Дар толори «Кохи Лоҳутӣ»-и шаҳри Бохтар ҷаласаи ҷамъбастии натиҷаҳои фаъолияти Раёсати андоз дар вилояти Хатлон баргузор гардид, ки дар он муовини Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон А. Раҳимзода, сардори шуъбаи назорати камералии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Р. Соатов, роҳбарияти Раёсати андози вилояти Хатлон, сардорони нозиротҳои андоз ва кормандони нозиротҳои андоз дар шаҳру навоҳии вилояти Хатлон иштирок доштанд.

Дар ҷаласа ҳисоботи муовини сардори Раёсати андози вилоят А. Солеҳзода ва сардорони шуъбаю бахшҳои Раёсати андоз шунида шуд.

А. Солеҳзода изҳор дошт, ки дар нуҳ моҳи соли 2019 иҷрои нақшаи андозҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ бо дарназардошти андози иҷтимоии ғайрибуҷетӣ ба андозаи 99,1 фоиз таъмин гардид. Боиси таассуф аст, ки нақшаи андозҳоро бо дарназардошти андози иҷтимоии ғайрибуҷетӣ шаҳру ноҳияҳои Кӯшониён, Вахш, Хуросон, Қубодиён, Ҷайҳун, Ёвон, Фархор, Шаҳритуз, Панҷ, Левакант, Восеъ ва Ҳамадонӣ таъмин накарданд, ки аз ин ҳисоб ба буҷет 28,3 млн. сомонӣ ворид нагардид.

Чуноне дар ҷаласа зикр гардид, дар ин давра нисбати 784 шахси ҳуқуқӣ ва соҳибкори инфиродӣ корҳои назоратӣ гузаронида шуд, ки дар натиҷа, бо дарназардошти бақияпулиҳо 10698,7 ҳазор сомонӣ ба буҷет ворид карда шуд.

Дар охир муовини Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон А. Раҳимзода ба ҳозирон барои ислоҳи камбудиҳо маслиҳат ва дастуру супоришҳо дод.

**С. РУСТАМ, вилояти Хатлон**

# Фаъолияти гурӯҳҳои террористӣ чаро густариш меёбад?

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳангоми суханрониашон дар Конфронси байналмилалии сатҳи баланд таҳти унвони “Муқовимат бо терроризм ва ифротгароии хушунатомез”, ки соли 2018 дар шаҳри Душанбе баргузор шуда буд, таваҷҷуҳи ширкаткунандагонро ба масъалаи таҳдидҳои ҷаҳони муосир ва зарурати мубориза бо терроризм ҷалб намуданд. Пешвои миллат изҳор намуданд, ки густариши фаъолияти гурӯҳҳои террористиву ифротгаро дар минтақаҳои бо Тоҷикистон ҳаммарзи Афғонистон мояи нигаронии ҷиддии ҷониби Тоҷикистон мебошад. “Кишвари мо, бинобар мавқеи ҷуғрофии худ, дар марзи аввали муқовимат бо таҳдиду хатарҳои муосир қарор дорад”, - таъкид карданд Роҳбари давлат.

Бояд ёдовар шуд, ки ҳадаф ва мақсади гурӯҳҳои террористӣ танҳо дар ҷуғрофиёи Афғонистон маҳдуд намешавад. Онҳо оид ба хилофати исломӣ меандешанд ва марзҳои сиёсии байни кишварҳоро намешиносанд. Яъне кишварҳои Осиёи Миёна таҳти хатари шакли наве қарор доранд, ки он на танҳо амният, субот ва сохтори дунявии ин ҷумҳуриҳоро ҳадаф қарор додааст, балки ин хатар мустақиман ба мавҷудияти худи кишварҳо, ҳамчун воҳиди сиёсӣ, дар низоми байналмилалӣ таҳдид мекунад.

Тоҷикистон, ки бо Афғонистон бештар аз 1400 километр марзи муштарак дорад, дар чунин вазъияте наметавонад он чиро, ки дар ин кишвари ҳамсоя мегузарад, бетарафона наззорагар бошад. Зеро дар миёнаи солҳои навадуми асри гузашта мо шоҳиди таҳдиди билқувваи ин гурӯҳҳо ба марзҳои Осиёи Марказӣ будем.

Директори Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон Ёрмаҳмад Ниёзӣ бар ин назар аст, ки Тоҷикистон дар пешгоҳи мубориза бо терроризм ва кӯмак ба мардуми ҷафокашидаи Афғонистон қарор дошту дорад. Бидуни шак, роҳбарияти давлати Тоҷикистон ва мардуми тоҷик дар он марҳалаи хос рисолати таърихии худро дар мубориза бо гурӯҳҳои террористӣ ва кӯмак ба паноҳҷӯёни Афғонистон ба дурустӣ иҷро намуданд, ки дар саҳифаҳои таърих сабт аст.

Бояд таъкид намуд, ки вазъияти Афғонистон дубора нигаронкунанда шуда, ба таваҷҷуҳи вижаи роҳбарони минтақа, ҳамоҳангии сиёсатҳои байналмилалӣ ва доштани стратегияи ягонаи кишварҳои минтақа барои хунсо намудани хатарҳо ниёз дорад.

Табиист, ки дар чунин шароит боз ҳам Тоҷикистон ба далелҳои гуногун, ки асоситарин он мавқеи ҷуғрофии ҷойгиршавияш дар ҳамсоягии Афғонистон ва муштаракоти таърихиву забониву фарҳангӣ мебошад, қабл аз ҳама, чунин таҳдидҳоро эҳсос мекунад. Баргузории Конфронси байналмилалии “Муқовимат бо терроризм ва ифротгароии хушунатомез”, ки бо иштироки намояндагони баландмақоми кишварҳо, муовини Дабири кулли СММ ва Дабири кулли САҲА доир шуд, далели таваҷҷуҳи роҳбарияти Тоҷикистон ба зарурати мубориза бо таҳдиду хатарҳои террористӣ дар минтақа ва сатҳи ҷаҳон мебошад.

Ё. Ниёзӣ масъалаи мавриди нигаронии зиёдро сарнавишти аъзои боқимондаи гурӯҳи террористии ба ном “Давлати исломӣ” номид, ки дар Сурия ва Ироқ шикаст хӯрда, рӯ ба гурез овардаанд. Ин созмони террористӣ шаҳрвандони беш аз 100 давлатро дар худ муттаҳид мекард. Баргаштани онҳо ба кишварҳояшон ё ҳар нуқтаи олам боиси нигаронӣ хоҳад буд. Мутобиқи маълумот қисме аз ин гурӯҳҳои террористӣ тавассути марзҳои осебпазири бархе кишварҳо фиристодани афроди худро ба Афғонистон ҳанӯз ду сол пеш оғоз намуда, акнун дар ин кишвар ҷои по пайдо намудаю фаъолияти худро густариш медиҳанд. Ин масъала қаблан мавриди баҳс қарор гирифта буд, аммо акнун бархе мақомоти расмии Афғонистон низ омадани аъзои ин гурӯҳи террористиро ба Афғонистон ёдрас мекунанд. Ин мояи нигаронӣ ва ташвиши аслӣ барои кишварҳои Осиёи Марказӣ мебошад. Зеро шаҳрвандони зиёди ин кишварҳо дар сафҳои ин ташкилоти террористӣ қарор доранд ва наздик шуданашон ба марзҳои кишварҳои худ табиист, ки нигарониҳоро афзоиш хоҳад дод.

Мавсуф илова намуд, ки пешгирӣ аз гурӯҳҳои тундгаро вазифаи ҷонии ҳар як соҳибватан ба шумор меравад. Волидайнро месазад ҳар рӯз аз вазъи таълиму тарбияи фарзандон воқиф бошанд ва онҳоро зери назорати доимӣ қарор бидиҳанд. Вазъи ҷаҳони имрӯз хеле ҳассос аст. Шаҳрвандони синну соли гуногунро, ки аз шабакаҳои интернетӣ васеъ истифода мекунанд, мебояд ҳушёриву зиракӣ нишон дода, ба гурӯҳҳои тундгаро напайванданд. Ҳангоми истифодабарӣ аз шабакаҳои иҷтимоӣ фарҳанги бузурги ахлоқиро нишон дода, бо ҳар гуна муҳокимаҳои бӯҳтонангез номи худ ва волидайни худро доғдор насозанд. Ҳамеша ба манфиати миллату давлат сухан гуфта, бо эҳсоси ватандӯстӣ қарзи муқаддаси худро адо намоянд.

**М. ҶУМЪА**


# ОБУНА БА РӮЗНОМАИ «БОҶУ ХИРОҶ»

## БАРОИ СОЛИ 2020 ИДОМА ДОРАД

Нашрияи Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

**65 СОМОНӢ**

*нархи яксолаи обуна ба рӯзномаи «Боҷу хироҷ»*

Ба «Боҷу хироҷ» бо чашми хирад, чашми нек ва чашми дурбин нигаред ва ҳамрозу ҳамсадо бошед!



СУРОҒАИ МО:

ш.Душанбе, хиёбони Н.Қаробоев 42/3, бинои Раёсати андози шаҳри Душанбе
**Телефон:** (2)33-08-41

СУРАТҲИСОБИ РӮЗНОМАИ «БОҶУ ХИРОҶ»:

р/сч 20202972000266101000
кор/сч 20402972316264
МФО 350101626 БДА ҶТ
«Амонатбонк» дар шаҳри Душанбе
РМА 030007408

# Озмун барои ишғоли ҷойҳои корӣ

Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ишғоли мансабҳои холии маъмурии хизмати давлатии мақомоти андоз дар ВМКБ ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ озмун эълон менамояд. Номгӯи мансабҳои холӣ, ҳуҷҷатҳои лозима ва талаботи озмун дар рӯзномаи «Боҷу хироҷ», шумораи №39 аз 26 сентябри соли 2019 ва сомонаи Кумитаи андоз www.andoz.tj нашр гардидааст.

Ариза ва ҳуҷҷатҳо барои иштирок намудан дар озмун то санаи 5 ноябри соли 2019 дар бинои Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, воқеъ дар суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Н.Қарабоев – 42/2 қабул карда мешаванд.

**Маълумоти иловагиро метавонед бо телефони 233-06-83 ё аз сомонаи Кумитаи андоз www.andoz.tj дастрас намоед.**

**Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**

### БАРҲАМ МЕХӮРАД

■ ҶДММ «Мега Групп Контракшен» (РЯМ 0110001036) воқеъ дар ноҳияи Шоҳмансур, барҳам дода шуд.

■ ҶДММ «Аниса 2016» (РЯМ 1810007870) воқеъ дар шаҳри Кӯлоб, барҳам мехӯрад. Ҳамаи арзу шикоятҳо муддати 2 моҳ қабул карда мешаванд.

■ ҶДММ «Карими Канд» (РЯМ 5710002999) воқеъ дар шаҳри Конибодом, барҳам мехӯрад. Ҳамаи арзу шикоятҳо муддати 2 моҳ қабул карда мешаванд.

■ Кооперативи истеҳсолии Х/Д «Наврӯз 2» (РЯМ 6210000746) воқеъ дар шаҳри Истаравшан, барҳам мехӯрад.

■ Кооперативи тиҷоратии «хоҷагии деҳқонии Поҷиндак» (РЯМ 6210003049) воқеъ дар шаҳри Истаравшан, барҳам мехӯрад.

■ ҶСК «Таъмиршоот» (РЯМ 5110008925) воқеъ дар ноҳияи Бобоҷон Ғафуров, барҳам мехӯрад. Ҳамаи арзу шикоятҳо муддати 2 моҳ қабул карда мешаванд.

■ Кооперативи истеҳсолии хоҷагии деҳқонии фермерии «Сафаралӣ» (РЯМ 3410001742) воқеъ дар ноҳияи Кушониён, барҳам мехӯрад.

■ Кооперативи тиҷоратии «Ҳафиз» (РЯМ 3610000506) воқеъ дар ноҳияи Ҷайҳун, барҳам мехӯрад.

### ЭЪТИБОР НАДОРАД

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Шарипова Наҳтия (РЯМ 3130009695) аз ноҳияи Хуросон, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Яҳёева Шагодат (РЯМ 0331198185) аз ноҳияи Фирдавсӣ, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Афғонов Шарафҷон (РЯМ 0330083674) аз ноҳияи Фирдавсӣ, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Нурхонов Зафархон (РЯМ 0331400722) аз ноҳияи Фирдавсӣ, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Қаландаров Давлатшоҳ (РЯМ 0330163094) аз ноҳияи Фирдавсӣ, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи соҳибкори инфиродӣ Чаҷонов Абдуғафор (РЯМ 0430037062) аз ноҳияи Фирдавсӣ, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи соҳибкори инфиродӣ Нуралиев Шавкатулло (РЯМ 0930150476) аз шаҳри Ҳисор, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи соҳибкори инфиродӣ Кибриёев Давлатёр (РЯМ 0630010994) аз шаҳри Роғун, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Авлонова Забардаст (РЯМ 1830041217) аз шаҳри Кӯлоб, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатнова ва иқтибоси соҳибкори инфиродӣ Боқиев Абдухалил (РЯМ 5230002965) аз ноҳияи Айнӣ, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Нихмонов Иматбег (РЯМ 7130005035) аз ноҳияи Ванҷ, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Мавлудаи Абдуҷабор (РЯМ 4030102771) аз ноҳияи Ёвон, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Гадоев Дустмурод (РЯМ 4030027834) аз ноҳияи Ёвон, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Лазизов Абдунасим (РЯМ 5530226763) аз шаҳри Исфара, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Тухтаев Собир (РЯМ 5530203791) аз шаҳри Исфара, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Ҷунайдилоев Ҳамзахуҷа (РЯМ 5530223253) аз шаҳри Исфара, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи соҳибкори инфиродӣ Додобоев Ҳусейн (РЯМ 5530099896) аз шаҳри Исфара, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Абдурауфи Абдуғафор (РЯМ 5130234670) аз шаҳри Хуҷанд, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Қурбоналиев Сиёвуш (РЯМ 1930060807) аз ноҳияи Восеъ, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи соҳибкори инфиродӣ Маҳмадов Дилшод (РЯМ 1930037542) аз ноҳияи Восеъ, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи соҳибкори инфиродӣ Сафарализода Раҷабалӣ (РЯМ 1030003884) аз ноҳияи Лахш, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи соҳибкори инфиродӣ Маҳмадов Дилшод (РЯМ 1030005625) аз ноҳияи Лахш, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи соҳибкори инфиродӣ Амонов Улуғбек (РЯМ 0730147046) аз шаҳри Турсунзода, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Ғазиева Мутабар (РЯМ 0730152922) аз шаҳри Турсунзода, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи бақайдгирии мутааллиқ ба КИ Х/Д «Наврӯз 2» (РЯМ 6210000746) аз шаҳри Истаравшан, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Юлдошев Ориф (РЯМ 6230177305) аз шаҳри Истаравшан, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Мадалиев Ҷамшед (РЯМ 6230025945) аз шаҳри Истаравшан, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Музафаров Алишер (РЯМ 6230051731) аз шаҳри Истаравшан, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Камолов Ғайрат (РЯМ 6230096978) аз шаҳри Истаравшан, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи бақайдгирии мутааллиқ ба Х/Д «Карим» (РЯМ 3630007022) аз ноҳияи Ҷайҳун, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Ашуралиев Шамсиддин (РЯМ 3930008225) аз шаҳри Левакант, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи соҳибкори инфиродӣ Шарифов Маҳмадхуҷа (РЯМ 0331286405) аз ноҳияи Фирдавсӣ, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

**Аттестати хатмкунандаи литсейи ДДТ ба номи академик М.Осимӣ Додожонов Шерзод (2003 соли хатми донишгоҳ) бо сабаби дар аттестат ҷой доштани хатоҳои техникӣ беэътибор дониста шавад.**

# Зарфият ва мушкилоти фазои сармоягузорӣ дар Тоҷикистон

**24-уми октябри соли 2019 дар Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳфили навбатии журналистикаи иқдисодии «Тавозун» дар мавзӯи «Зарфият ва мушкилоти фазои сармоягузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» баргузор гардид.**

Мақсад аз ҳамоиши мазкур ҷалб намудани ҷомеаи шаҳрвандӣ ва доираи васеи намояндагони ВАО ба инъикоси дурусти мавзӯи марбут ба кушодани зарфиятҳои сармоягузорӣ буда, он ба рушди журналистикаи иқтисодӣ ва баланд бардоштани дониши молиявии аҳолӣ мусоидат мекунад.

Дар маҳфил, ҳамчунин намояндагони парлумони мамлакат, Вазорати рушди иқтисод ва савдо, Вазорати молия, Вазорати корҳои хориҷӣ, Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ, Палатаи савдо ва саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон, намояндагон аз сафоратхонаҳои Афғонистону Русия, коршиносон дар самти идораи молияи давлатӣ ва журналистон иштирок карда, оид ба имкониятҳои мавҷудаи сармоягузорӣ дар мамлакат, мушкилиҳои ҷойдошта ва роҳҳои ҳалли онҳо, иқдомоти суратгирифта аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумоти васеъ пешниҳод карданд.

Корманди масъули Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Тоҷикистон Ҳаким Исмоилзод зимни баромади хеш қайд кард, ки беш аз 50 кишвар дар соли ҷорӣ ба Тоҷикистон сармоягузорӣ кардаанд, ки аксари онро сармояи Чин ташкил медиҳад. Зикр шуд, ки аз соли 2014 то инҷониб 1,5 миллиард доллар ба Тоҷикистон сармояи мустақими хориҷӣ ҷалб шудааст. Дар ин ҷода, ба гуфтаи ӯ, Тоҷикистон нисбати дигар кишварҳо пешсаф аст:

- Албатта сармоягузории ин ё он мамлакат ба Тоҷикистон, аз мо вобастагӣ надорад, - қайд намуд Ҳ. Исмоилзод - Тоҷикистон сармоягузорони хориҷиро низ маҳдуд намекунад, ҳар кишваре мехоҳад, метавонад сармоягузорӣ кунад. Таври маълум, раванди воридоти сармояи Чин танҳо ба кишвари мо не, ба кулли мамолики дунё дар ҳоли афзоиш аст.

Дар ҳамоиш рӯзноманигорону намояндагони ҷомеаи шаҳрвандӣ имкон пайдо карданд, ки оид ба масъалаҳои ҷалби сармоягузорӣ посухҳои аниқ гиранд.

**М. ҶУМЪА**

## ВАРЗИШ

# Пешсафии мунтахаби наврасони Тоҷикистон



**Субҳи 29 октябри соли равон мунтахаби ҷавонони то 17-солаи Тоҷикистон оид ба футбол ба ҳамтоёни худ - тими Камерун дар даври аввали марҳалаи гурӯҳии Ҷоми ҷаҳон – 2019 оид ба футбол дидор анҷом дода, бо ҳисоби 1:0 ғалаба ба даст овард. Баъди ин ғалабаи худ мунтахаби мо соҳиби 3 имтиёз шуда, садрнишини гурӯҳи "Е" гардид.**

Набарди тимҳо басо ҷолиб тамошобоб сурат гирифта, бо ҳисоби 1:0 ба суди футболбозони тоҷик хотима ёфт. Ягона голи ин бозиро аз пенальти дар дақиқаи 51-ум Шарифбек Раҳматов ба самар расонида, мунтахаби Тоҷикистонро пирӯз кард. Ёдовар мешавем, ки довари Зеландӣ, бо истифода, аз видеодовар (VAR) голи дуюми футболбозони Тоҷикистонро бекор кард. Дар идомаи бозӣ Шӯҳрат Элмуродов бо гирифтани ду корти зард, ки дар натиҷа, ба корти сурх мубаддал мегардад, муҳозот шуда, аз бозӣ берун гардид. Ҳамин тавр футболбозони тоҷик дар бозии нахустини худ қаҳрамони Лигаи миллатҳои Африқоро мағлуб карданд.

Бозии дигари гурӯҳи "Е" миёни тимҳои Аргентина ва Испания бо ҳисоби мусовии 0:0 хотима ёфт. Дар айни замон Тоҷикистон бо касби се имтиёз пешсафи гурӯҳи "Е" ба ҳисоб меравад. Дар зинаи дуюми ҷадвал мунтахаби Испания қарор гирифтааст. Аргентина ва Камерун занаҳои 3-юм ва 4-умро ба худ ихтисос додаанд.

Дар бозии дуюми гурӯҳи "Е" футболбозони тоҷик рӯзи 1-уми ноябр бо тими миллии Испания неру месанҷанд.

Хотиррасон мешавем, ки соле қабл мунтахаби то 16-солаи Тоҷикистон дар Чемпионати Осиё-2018 дар Малайзия сазовори медали нуқра гардида, роҳхати Чемпионати ҷаҳон-2019 дар Бразилияро ба даст оварда буд. Ин натиҷа бори дуюм дар таърихи футболи меҳан такрор шуд. Соли 2007 низ мунтахаби Тоҷикистон дар қисми финалии Чемпионати ҷаҳон оид ба футболи байни наврасони 17-сола иштирок карда буд.

**Тоҳир ЧИЛАЕВ**

АЗ ТАЪРИХИ АНДОЗ

## § 3. РИВОҶ ЁФТАНИ ИСЛОҲОТИ АНДОЗ ВА РУШДИ НИЗОМИ МИЛЛИИ АНДОЗ (СОЛҲОИ 1999 -- 2006)

(Аввалаш дар шумораҳои гузашта)

Мувофиқи Кодекси нави андози Ҷумҳурии Тоҷикистон асоси андозбандии андоз ба низоми сода, аз фарқи байни даромади холис ва касрҳо, ба истиснои касрҳо аз музди меҳнат, тағйир дода шуд. Ба қатори андозсупорандагони ин навъи андоз корхонаҳое дохил гардиданд, ки даромадашон аз ҳадди секаратаи андоз аз арзиши иловашуда (яъне 144 ҳазор сомонӣ ё 48 ҳазор доллари ИМА) зиёд нест. Ҳаҷми андози мепардохтаи субъектҳо – соҳибкорони хурд ба низоми сода 12 % муқаррар гардидааст. Вале супорандагони ин андоз аз пардохти андоз аз фоида, андози ҳадди ақал аз даромад, андоз аз арзиши иловашуда ва андоз аз истифодаи роҳҳои автомобилгард (агар даромади ин корхонаҳо аз 48 ҳазор сомонӣ дар як сол зиёд набошад) озоданд.

Доир ба андоз аз фурӯши пахта ва алюминий тағйироти кам ворид гардиданд: ҳаҷми андоз аз фурӯши пахта ба мисли пештара 10 %, аз фурӯши алюминий 3 %-ро (аз ҳисоби кам кардани ҳаҷми пардохтҳои гумрукӣ барои Заводи алюминийи Тоҷикистон) ташкил медиҳанд.

Дар Кодекси нав андози нави ҳадди ақал аз даромади корхона ворид гардидааст. Ин андоз чун андози алтернативӣ нисбат ба андоз аз даромад, ки бар ивази андози лағв (манъ) кардашудаи андоз аз даромади корхона ҷорӣ шуда буд, ворид гардидааст. Андози мазкур ба муқобили паст кардани фоида нигаронида шудааст ва танҳо аз корхонаҳои зиёновар ва фоидаовариашон паст ситонида мешавад. Меъёри (ҳаҷми) андози ҳадди ақал аз даромад 1 % аз даромади холиси дар тӯли сол ба даст овардашуда (ба истиснои андоз аз арзиши иловашудаи ба ҳисоб гузошташуда ва андоз аз савдои чакана) муқаррар гардидааст.

Дар Кодекси нави андоз ситонидани андози ягона аз ҳамаи истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ таъин гардидааст. Супорандагони андози ягона аз пардохти андоз аз арзиши иловашуда, андоз аз истифодабарандагон аз роҳҳои мошингард, андоз аз даромади шахсони ҳуқуқии машғул ба корҳои хоҷагии қишлоқ, андози ҳадди ақал аз даромад, андоз аз замин, андози ба низоми сода пардохтшаванда, андоз аз кормандони соҳаи хоҷагии қишлоқ озоданд. Меъёри (ҳаҷми) андози ягона барои кормандони соҳаи кишоварзӣ ба ҳаҷми 4-каратаи андоз аз замин баробар аст.

Меъёри (ҳаҷми) андоз аз савдои чакана тағйир ёфт: 5 % то 3 % нархҳои озоди бозор паст фуроварда шуд. Асоси ин андоз арзиши фурӯши чаканаи молҳо мебошад.

**(Давом дорад)**

**Манбаъ: Тоҳир ИСЛОМОВ «Аз таърихи молия, андоз ва ташаккулёбии низоми андозбандӣ дар Тоҷикистон»**



**Агар ангурро дӯст доред, онро аз донааш ҷудо накарда хӯред. Гап дар сари ин аст, ки донаи ангур хусусияти бисёри фоидабахшӣ низ дорад. Яъне, истеъмоли донаи ангур бемории саратонро пешгирӣ менамояд.**

## Ангурро бо донааш хӯред!

Дар донаи ангур антиоксидантҳои қавӣ мавҷуданд. Аз ҷумла, токоферол барои барҳам додани баъзе намудҳои бемориҳои онкологӣ аз ҷумла, саратони ғадудҳои шир, саратони пӯст ва ғайра қодир аст. Он ҳамчунин, хунро тоза мекунад. Донаи ангур рагҳоро мустаҳкам, хунро аз моддаҳои зараровар тоза менамояд. Аз ин сабаб, он хусусан ба одамони аз бемориҳои дил азиятдошта тавсия мешавад. Истеъмоли он монеи рехтани мӯй мешавад. Донаи ангур аз витамини E хеле бой буда, аз ин сабаб ба чашмҳо таъсири мусбат мерасонад. Қобилияти биниширо мустаҳкам менамояд. Хусусияти зиддиилтиҳобӣ дошта, барои муолиҷаи хала (колит), илтиҳоби меъда (гастрит), инфексияи узвҳои дохилӣ ва тоза намудани меъда низ ёрӣ мерасонад.

## Сухaнони ҳакимона

Илм барҳамдиҳандаи заҳри зиндагӣ ва нурбахши наҷот аст.

x x x

Танҳо дар имтиҳоноти сангини зиндагӣ инсон моҳияти ҳастии хешро дарк менамояд.

x x x

Роҳи рост ва дуруст ҳамон аст, ки бар таҷриба ва илми худ биафзоем ва онҳоро барои расидан ба орзуҳо ва хостаҳои писандидаи худ ба кор барем.

x x x

Аз зеҳн то даҳон фақат як нуқта фосила аст, то зеҳнатро боз накардӣ, даҳонатро боз накун.

## Панди рӯзгор

Ҷавоне мақсади зиндагиашро гум карда, худро бениҳоят бадбахт мехонд. Рӯзе устоди солхӯрдаашро вохӯрду аз ноҷӯриҳои рӯзгораш шиква намуд. Ҷавон гаштаю баргашта такрор мекард: «Чаро маҳз ман бояд ғамзада бошам?».

Устод ба фикр фурӯ рафт ва ба пиёлаи обе каме намак рехту ба шогирд дароз кард.

Чун ҷавон обро нӯшид, устод аз ӯ пурсид:

Таъмаш чӣ хел?

- Бениҳоят шӯр, - чеҳраашро турш карда, гуфт ҷавон.

Устод лабханде заду фармон дод, то бо худ як кафи дигар намак гирад ва ҳамроҳаш ояд. Хомӯшона то лаби кӯл расиданд. Шогирд бо тақозои устод намакро ба кӯл андохт ва аз он нӯши ҷон карду афзуд: «Болаззат аст об, шӯр нест».

Пирамард ба ӯ гуфт:

- Ғам дар ҳаёти мо мисли намак ва дили мо ба масал кӯлу пиёла аст. Намакро ба оби пиёла неву ба кӯл андоз ва ҳаётатро шӯр макун.

## ОЁ МЕДОНЕД?

Оё медонед, ки изҳои ангуштони коалаҳо (як намуди хирс) ба изҳои ангуштони одам хеле монандӣ доранд. Ҳатто ёфтани фарқият ба воситаи микроскоб душвор аст.

x x x

Ҳар сол дар рӯзи 2 феврал дар шаҳри Панксатои ИМА маросими машҳур сурат мегирад: суғур аз сурохӣ берун омада боду ҳаворо пешгӯӣ менамояд. Агар суғур баромада сояи худро бинаду ба сурохӣ баргардад, ин маънои онро дорад, ки зимистон 6 ҳафтаи дигар давом мекунад, аммо агар бароядy соя набошад, ин маънои онро дорад, ки баҳор барвақт меояд.

## Чашми булӯррез



Чандест дар расонаҳои даврӣ навори аҷибе мечархад, ки қаҳрамони он арманидухтари 22 – сола аст. Аз чашмони Сатеник Казарян ба ҷои ашк булӯр (хрустал) мерезад.

Дар баёни ин ҳолат табибон ангушти ҳайрат мегазанд. Ҳангоми берун шудани ашк (булӯр) аз чашмон, вай дарди ҷонкоҳеро эҳсос менамояд.

Ин ҳолат вақте бори нахуст рӯх дод, Сатеник назди дандонпизишк рафта буд. Ҳине ки ба чашмони ӯ андаке чанг ворид шуду ба табиби чашм муроҷиат кард, духтур аз дохили чашмонаш чанд адад булӯр берун кашид.

Сатеник ба бисёр табибон муроҷиат кард. Аммо, табибон то ҳол сабаби «беморӣ» ва роҳи табобати онро пайдо накардаанд.

## Иқдоми наҷиб



Духтари сарватманди ҳинд Шейра Мунот маблағи барои тӯйи арӯсиаш ҷудошударо хайр кард. Вақте аз падараш хоҳиш намуд, ки 122 ҳазор долларро барои соҳиби хона гаштани мардуми бесоҳибу бесарпаноҳи кишвараш масраф намоянд, ӯ розӣ шуд. Ҳамин тавр, 90 нафаре, ки бехонумон дар кӯчаҳо мезистанд, ба хонаи нав кӯчиданд.

## Кашшофи резин

Кашшофи амрикоӣ Гудир, ки бо ихтирои резин машҳур аст, дар замони худ ниҳоят қашшоқ буд. То он ҳадде, ки барои қарздорӣ, ҳатто маҳкум шуда, паси панҷара нишаст. Бо гузашти вақт ихтирооти ӯ таваҷҷуҳи яке аз саноатчиёни номдорро ба худ ҷалб намуд, ки хост ҳарчи зудтар пайдояш кунад. Вақте олимро дар хона пайдо накард, аз ҳамсояаш пурсид, ки ӯро чӣ гуна ёфтан мумкин аст? Ҳамсоя, ки кашшофро хеле хуб медонист, чунин посух дод:

- Кӯчаҳои шаҳрро гардед, агар шахсеро вохӯред, ки кулоҳи резинӣ, шиму гарданпечи резинӣ ва мӯзаву ҳамёни тамоман холии резинӣ дорад, донед, ки ӯ Гудир аст.

Боҷу ХИРОҶ

МУАССИС: КУМИТАИ АНДОЗИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Сармуҳаррир Фарзона ШАРИФӢ

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ ВА МУШОВАРА:

ДАВЛАТЗОДА Н. М. - Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон; ҚАҲҲОРЗОДА Ф. С. - Вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон; СОЛЕҲЗОДА А. М. - муовини аввали Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон; МЕЛИКЗОДА К.Н. - муовини Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон; ЮСУФӢ П. С. - ёрдамчии Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон; НАБИЕВ Б. - сардори Раёсати таъмини ҳуқуқии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон; НУРЗОДА Ҷ. - сардори Раёсати хизматрасонӣ ба андозсупорандагони Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон; ВОҲИДОВ А. - котиби масъули рӯзномаи «Боҷу хироҷ»; НИГМАТОВ М. - сардори шуъбаи иқтисод, буҷет ва андози рӯзномаи «Боҷу хироҷ».

Дар ҳафтанома ба хотири гуногунандешӣ матолибе низ нашр мешавад, ки идораи ҳафтанома метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад.

Ҳафтанома дар Вазорати фарҳанги ҷумҳурӣ таҳти рақами 597 номнавис шудааст.

Ҳафтанома бо шаҳодатномаи №0310003650 дар Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайди давлатӣ гирифта шудааст.

Тел: 233-08-41 (мухбирон), 44-600-41-76 (шуъбаи эълон ва обуна)

Навбатдор: Тоҳир ЧИЛАЕВ

Тарроҳ: Сафаралӣ САТТОРОВ

*Суроға: ш. Душанбе, х. Н. Қарабоев 42/3, бинои Раёсати андоз дар шаҳри Душанбе*

***Индекс: 68930***

Рӯзнома дар нашриёти «Шарқи озод» чоп шудааст.

Теъдод: 78 856